4 ЛЕС ЧАККА СЕ СОМОНӢ... ЧАРО? с.3

“АМОНАТБОНК” ТАҒЙИРИ НОМ КАРД с.2

ҶАЗОИ ПАДАРЕ, КИ ДУХТАРАШРО КУШТ с.6

ТОҶИКИСТОН

№9 (1520)
01.03.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикис т! ~



УҚОБИ ТОҶИК

Набард ва ғалабаи аввалин варзишгари тоҷик дар UFC

ТАҲМИНА НИЁЗОВА

Ситорае, ки номзади илм аст с.6

ПРЕЗИДЕНТ:

Бигзор расонаҳо танқид кунанд! с.2

НАФАҚА

Тоҷикони шаҳрванди Русия аз куҷо нафақа мегиранд? с.3

ДОВТАЛАБ-2023

Чаро ММТ нархномаашро қиммат кард? с.4

"ЯНДЕКС.GO" ДАР ДУШАНБЕ

Ширкат фаъолияти қонунӣ дорад? с.5

ҶИНОЯТ ВА ҶАЗО

Писар чаро падари пирашро латукӯб кард? с.6

ҚАБРИСТОНИ “ВАГНЕР”

Марқади тоҷикони зиндонӣ дар Маскав с.4

В РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКУЮ IT-КОМПАНИЮ MATADOR ТРЕБУЕТСЯ МЕНЕДЖЕР ПО ПРОДАЖАМ

Matador

Требования:
- Опыт работы в продажах от 2-х лет;
- Навыки ведения переговоров, составления коммерческих предложений;
- Коммуникабельность, инициативность.

Условия работы:
- Комфортный офис в центре города;
- График работы 5/2 с 9.00 до 18.00;
- Официальное трудоустройство;
- Высокая заработная плата.

МЫ ИЩЕМ ТЕБЯ

Резюме отправлять на **info@matador.tj.**

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
сахифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброаз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТАЪТИЛИ БАҲОРИИ ХОНАНДАГОН ИХТИСОР МЕШАВАД

Таътили баҳории хонандаҳои макотиби Тоҷикистон 5 рӯз ихтисор мешавад.

Сухангӯи Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон Наврӯз Ҷумъамурод зикр намуд, ки ба далели сардиҳои шадид муҳассилин дар зимистони соли равон аз муҳлати муқаррарӣ 8 рӯз бештар истироҳат доштанд. Номбурда иброз дошт, ки 5 рӯз аз ҳисоби таътили баҳорӣ ҷуброн карда мешавад.

Ҳамин тариқ, муҳассилин аз 20 то 26-уми март таътил хоҳанд дошт ва рӯзи дигар дарсҳо дар макотиби миёна идома меёбанд.

Ёдовар мешавем, ки ба далели сардиҳои шадид муҳассилин дар зимистони соли равон аз вақти муқарраршуда бештар истироҳат доштанд. Акнун аз ҳисоби таътили баҳорӣ ин қисман ҷуброн мешавад.

"АМОНАТБОНК" ТАҒЙИРИ НОМ КАРД

Дар асоси қарори Ҳукумати Тоҷикистон номи Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" ба Корхонаи воҳиди давлатӣ (КВД)-и "Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" иваз карда шуд.

Инчунин, Шӯрои нозирони бонк таъсис ва ҳайати он тасдиқ гардидааст. Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи шӯрои нозирони Корхонаи воҳиди давлатии "Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" бо ҷорӣ намудани асосҳои идоракунии корпоративӣ дар фаъолияти корхонаҳои давлатӣ ва ташкили шӯроҳои нозирон дар онҳо барои таъмини назорат ва шаффофияти фаъолияти молиявию хоҷагидории корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва ғайра таҳия гардидааст.

"Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири бевоситаи худро дар раддабандии байналмилалии Тоҷикистон расонида, на танҳо вазъи ҷории молиявӣ, миқдори сармоя ва маблағи қарзӣ, балки фаъолияти ояндаи молиявии ташкилоти қарзиро фарогир мебошад",- таъкид шудааст дар ҷаласаи ахири Ҳукумати кишвар.

Ба таври содда, ин тағйирот шароитро барои назорат аз болои фаъолияти молиявию хоҷагидории бонк бехтар намуда, шаффофияти онро таъмин мекунад.

Ҳоло "Амонатбонк" яке аз калонтарин бонкҳои низомсози Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

БОЗДОШТИ СЕ ҶАВОН БАРОИ НАПАРДОХТАНИ РОҲКИРО

Се сокини шаҳри Душанбе барои напардохтани роҳкиро ва латукӯби ронанда дастгир шудаанд.

Инҳо шаҳрвандон Сафаров Мехроҷиддин, Маҳмадраҳимов Парвиз ва Муқимов Шаҳбоз мебошанд. Бино ба иттилои Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе, "чуноне аз навори ирсолнамудаи муроҷитакунанда ва санҷиши ҳамаҷонибаи ҳодисаи мазкур муайян карда шуд, номбурдагон санаи 23-юми феврали соли ҷорӣ, тахминан соати 19:00 дақиқа аз кӯчаи Бухорои шаҳри Душанбе ба автомашинаи мусофиркаш нишаста, дар ҳудуди шаҳри Душанбе то соати 21:50 дақиқа сайругашт намудаанд. Ҳангоми ба назди беморхонаи "Истиқлол" расидан маблағи роҳкиро 100 сомониро ташкил додааст, ки номбурдагон аз пардохт кардани маблағ саркашӣ намуда, ҳамзамон ронандаро латукӯб кардаанд".

Нисбати ҳарсе бо моддаи 237-и (авбошӣ) Кодекси ҷиноятӣ парванда боз шудааст.



Шавкат Мирзиёев, президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ПУШТИБОНИИ ПРЕЗИДЕНТ: БИГЗОР РАСОНАҲО ТАНҚИД КУНАНД...

Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев аз фаъолияти расонаҳо пуштибонӣ кард. Ҳарчанд ба ӯ пешниҳоди бастани чанде аз расонаҳо шудааст, аммо посухи рад додааст.

Сухангӯи Президенти Ӯзбекистон гуфтааст, ки Шавкат Мирзиёев зимни боздид аз мактаби рақами 71-и ноҳияи Қаршӣ бори дигар пуштибонии худро аз расонаҳо баён кард.

"Мо садои одилонаи мардумро нашунидем, зеро кишвари пӯшида будем. Аз расонаҳо пуштибонӣ намекардем ва нашунидем. Ба шумо писанд аст, ки бӯйи озодӣ ба машоматон расад? Барои ман писанд аст. Бале, дар чунин шароит кор кардан душвортар аст. Онҳо ба ман мегӯянд, ки «расонаҳоро банд». Вале ман намебандам»,- изҳор дошт Шавкат Мирзиёев. Зимнан, Шавкат Мирзиёев гуфтааст, ки бо расонаҳо бояд дӯстӣ кард.

«Бигузор гӯянд, вале одилона. Бигузор, танқид кунанд, аммо танқиди дуруст. Агар аз онҳо ба деҳа, мактаб ва маориф манфиате бирасад, ин хеле хуб аст. Ман ҳар рӯз, аз ҷумла Интернетро мехонам. То ҳадди имкон барои ин ду соат ҷудо карда, бо қалам барои худ қайдҳо низ мекунам. Аз 10 назар 9-тояш дуруст аст. Ин самти дуруст аст? Дуруст аст»,- илова кардааст Президент.

САРИ САБЗ



Муҳаммадҷон ШОДИЕВ,
Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон

- Мо бо заҳмату меҳнат калон шудем. Пеш аз дарсу баъд аз дарс ва ҳатто мешуд ҳолате, ки вақти дарс ҳам меҳнат мекардем. Гову мол нигоҳ мекардем, ба саҳро юнучқадаравию пахтачинӣ мерафтем.

- Ҳамин гапро дигар нафарони таҷрибадор ҳам мегӯянд. Аммо, лутфан, агар маҳфӣ набошад, бигӯед, ки вақти дарс ҳам дар саҳро меҳнат мекардед ё дар заминҳои муаллимон?



Саъдӣ ҚОДИРЗОДА,
раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ

- Дар соли 2023 вобаста ба ҷалби бештари сармоя бо шарики стратегии худ корбарӣ мекунем. Моҳи март дар доираи сафари сарвазири Русия баргузории бизнес-форум ба нақша гирифта шудааст, ки имзои чанд созишномаи нав дар назар аст.

- Аз имзои созишномаҳо фақат бо Чину Туркияву Русия дилгир нашуда бошед? Намешавад, ки доираи созишномаҳои навро васеъ кунему сармоягузорони давлатҳои дигари гуногунро ҷалб намоем?



Умар ЗИЁЕВ,
Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон


- Имрӯз дастаи "Гулшан" ва ба ин монанд ҳама дастаҳои ҳунарии дигар бояд шеваи фаъолияти худро иваз кунанд ва ба раванди бозорёбӣ пайванданд, вагарна, ба гӯшаи фаромӯшӣ ва нобудӣ хоҳанд рафт.

- Эҳа, чунон суханҳое мегӯед, ки гӯё дастаи "Гулшан"-у ба ин монанд дастаҳои ҳунарӣ корхонаҳои тиҷоративу саноатӣ бошанд! Вагарна, шеваи фаъолияташон мушаххас аст ку...

СОЗИШНОМАИ НАФАҚА БЕКОР ШУД

Тоҷиконе, ки шиносномаи Русия доранд, аз куҷо нафақа мегиранд?

Вазорати корҳои хориҷии Русия дар портали расмии худ хабар додааст, ки шуруъ аз 1-уми январи соли 2023 Созишнома дар бораи кафолатҳои ҳуқуқҳои шаҳрвандони давлатҳои иштирокчии ИДМ дар соҳаи таъмини нафақа, ки 13-уми марти соли 1992 дар шаҳри Маскав ба имзо расида буд, қатъ гардидааст.



Ба манфиати Русия

Тибқи маълумоти ВКХ ФР, 24-уми майи соли гузашта Думаи давлатӣ ин созишномаро бекор эълон кард ва 11-уми июн бошад, президенти Федератсияи Русия Владимир Путин қонуни бекор кардани онро ба имзо расонид.

Коршиносон сабаби аслии бекор кардани ин созишномаро мутобиқат накардани меъёрҳои он ба вазъи кунунӣ арзёбӣ кардаанд.

“Муқаррароти ин созишнома, ки сӣ сол пеш ба ҳукми қонун даромада буд, ба идеология ва принсипҳои асосии системаи нафақагирии кишварҳои ИДМ мувофиқ нест”,- омадааст дар қонуни нав.

Бино ба гуфти коршиносон, чунин иқдом бояд сарфаи маблағҳои буҷетии Фонди нафақаи Русияро таъмин карда, танҳо соли 2023 қариб 2,7 млрд рубл, 2024 - 5,6 млрд рубл ва 2025 - 9,7 млрд рубл аз ин ҳисоб сарфа карда шавад.

Гуфта мешавад, ки дар ҳоли ҳозир корҳои бастани созишномаҳои дуҷонибаи нав дар соҳаи нафақа идома дорад. Созишномаи бекоршуда бошад, дар асоси принсипи ҳудудӣ амал мекард. Тибқи созишномаи нав ҳар як ҷониби ахдбаста мувофиқи қонунгузории худ қисме аз нафақаро пардохт мекунад. Нафақа бояд мувофиқ ба собиқаи корӣ ва суғуртавӣ ҳисоб карда шавад. Собиқаи корӣ ва суғуртавӣ бояд дар ҳамон кишваре, ки шаҳрванд дар онҷо кору зиндагӣ кардааст, ба даст овардааст шуда бошад.

Созишномаи нав чӣ гуна ҳоҳад буд?

Ёдрас мекунем, ки Созишнома дар бораи кафолатҳои ҳуқуқҳои шаҳрвандони кишварҳои иштирокчии ИДМ дар соҳаи таъмини нафақа 13-уми марти соли 1992 дар шаҳри Маскав ба имзо расида буд. Қонуни мазкур аз 13 модда иборат буд. Кишварҳои Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдавия, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Украина иштирокчии он буданд. Ин созишнома ҳангоми таъйин кардани ҳақи нафақа собиқаи кории шаҳрвандони ҳар як кишвари иштирокчиро, ки дар ҳудуди собиқ ИҶШС ба даст овардаанд, ба инобат мегирифт.

Ҳамин тавр, таъминоти нафақаи шаҳрвандони кишварҳои ИДМ минбаъд ё мувофиқи созишномаи нав ва ё мувофиқи қонунгузории миллӣ амалӣ карда мешавад. Яъне ҳар як кишваре, ки нафақагир дар он кор кардааст, мувофиқи тағрибаи корӣ нафақа пардохт мекунад. “Чунин вариант барои Русия бехтар аст” - иброз доштаанд дар Думаи давлатӣ.

Соли 2019 Русия бо Арманистон, Белорус, Қазоқистон ва Қирғизистон, соли 2021 бошад, бо Тоҷикистон созишномаи нав баста буд. Ҳоло гуфтушунидҳо бо кишварҳои Молдавия ва Ӯзбекистон низ идома доранд.

Нафақа чӣ гуна ҳоҳад шуд?

Хотиррасон менамоем, ки Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини нафақа 14-уми сентябри соли 2021 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, ҷиҳати тасдиқ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда буд.

Хабаргузории Pressa.tj бо директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилмурод Давлатзода тамос гирифт ва дар бораи созишномае, ки моҳи апрели соли 2021 ба МО ҶТ пешниҳод гардида буд, пурсон шуд. Зимни суҳбат Давлатзода гуфт, ки Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини нафақа» дар ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати шашум, ки 13-уми апрели соли гузашта доир гардид, баррасӣ шуда буд.

Ӯ гуфт: «Минбаъд тарафҳо барои собиқаи кории шаҳрвандӣ ҳар ду ҷониб, ки дар ҷаламрави кишвари худ ба суғуртаи нафақавӣ фаро гирифта шудааст, дар асоси қонунгузории худ нафақа таъйин мекунанд. Яъне, агар шаҳрванди Федератсияи Русия дар Тоҷикистон фаъолияти меҳнатиро анҷом дода, бо риояи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба нафақа ба даст овардааст, пас Тоҷикистон вазифадор аст ба ӯ мутаносибан ба собиқаи меҳнатӣ дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нафақа таъйин кунад. Инчунин, Федератсияи Русия уҳдадор аст муҳоҷирони тоҷикистониро, ки дар кишвари мазкур фаъолияти меҳнатиро анҷом медиҳанд, ба суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақавӣ фаро гирифта, ба онҳо мутаносибан ба собиқаи кориашон дар ин кишвар нафақа таъйин намояд».

- Андозаи нафақа вобаста аст бо он музди меҳнат, ки дар асосаш андози иҷтимоӣ пардохт мекунем. Дар шартнома омадааст, ки ҳангоми муайян кардани нафақа, шаҳрванд дар кадом муассисаи Федератсияи Русия кор карда бошад, нафақа аз рӯи маоши ҳамон муассиса ҳисоб карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрванд чӣ қадаре андози иҷтимоӣ супурда бошад, ҳамон андоза ба ӯ нафақа муайян карда мешавад. Андози иҷтимоӣ маблағест, ки давлат аз он истифода намебарад ва онро ба шаҳрванд дубора бармегардонад,- гуфт Дилмурод Давлатзода.

Узви Кумитаи Маҷлиси Намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Мавзуна Шамсиддинзода дар суҳбат бо мо гуфт, ки ба имзо расидани шартнома барои шаҳрвандони ҳарду кишвар имконияти комилан васеъро муҳайё месозад, ки дар моддаҳои 2 (доираи татбиқ), 3 (доираи шахсон) ва 4 (ҳуқуқҳои баробар), қисмҳои 1, 2, 3, 4 ва 6-и моддаи 5-и созишнома пешбинӣ карда шудааст.

Миратулло АТОЙ

▸▸ *Нома ба модар*

ОЧА, ШИР ФИРИСТОНЕД, «4 ЛЕС ЧАККА 3 СОМОНӢ ШУДААСТ»...

Салом, оча! Очаҷон, боз нагӯед, ки бачаи гандаатон шуморо ёд намекунад. Ҳамеша, ҳар соату лаҳза бо ёди шумоям. Пайт мепоям, фурсат меҷӯям, то каме камкор шавам ва ба дидоратон шитобам. Аммо, чӣ илоҷ, ки чархи гардун на ҳамеша бо хости мо мечархад!?



Нишаставу фикр кардам, ки ба номатон ин мактуби кушодаро нависам ё не? Ростӣ, аз он ҷиҳат дудилагӣ ба миён омад, ки шояд фикр кунед: “Дар ҳолати тангдастӣ ба ёдаш расидам”. Аммо ин андешаро зуд аз майнаам дур кардам. Зеро, медонам, очаи ман бехтарин очаанд ва ҳеҷ гоҳ ба гумонҳову шубҳаҳо роҳ намедиҳанд.

Медонам, очаам, ки ширашонро фаровон бароям арзонӣ доштаанд, дар ин замони қимматии шир ҳам бароям аз шири гови зардамон мефиристонанд.

Рости гап, оча, рӯзи якшанбеи гузашта қазияе аламамро овард. Худатон медонед, ки бачаатон одами қурутобдӯстдор аст. Ҳаваси қурутоб омаду ба бозори “Меҳргон” рафтам. Як сесомонӣ ба зани чаккафурӯш дароз кардам, то чакка диҳад. Инро ҳам бояд бигӯям, ки ҳар дафъа бо ҳамон се сомонӣ чакка мегирифтам ва он барои як табақ қурутоб кофӣ буд. Аммо ин дафъа мушоҳида кардам, ки хеле кам аст. Хоҳиш кардам, то болои он ба андозаи 5 сомонии дигар чакка илова кунад. Марде, ки паҳлуи ман истодаву хӯриш мехарид, сабаби дархости иловагиро фаҳмид ва шӯхиомез луқма партофт:

- Ҳоло ҳама чо ҳамин хел. Мисли ҳамон қаҳрамони “Лаҳзаҳои гуворо”, ки як газиданӣ ҳасибро 1 сомонӣ мефурӯшад, чаккафурӯшҳо ҳам чор лесиданӣ чаккаро се сомонӣ мефурӯшанд.

Зани чаккафурӯш чин бар ҷабин кашид ва бо ситеза гуфт:

- Айби мо чӣ!? Пеши ширфурӯш раведу пурсед, ки як литр шир чанд сомонӣ аст?

Ман, ки намехостам сари масъалаи чакка дар як бозори калон мочаро барпо шавад, гашти дипломатӣ кардам:

- Апа рост мегӯянд, як литр шир дар муддати кӯтоҳ аз 4 сомониву 50 дирам ба 6, баъд ба 7, пасон ба 8 расиду ҳоло то 9 сомонӣ ҳам ҳаст. Пас, магар мантиқӣ нест, ки як кило чаккаро аз 10-11 сомонӣ ба 22-23 сомонӣ расад?


Чаккафурӯш таскин ёфту аз нутқи оличанобам хушҳол шуд ва ман оҳистаяк аз растаи чаккафурӯшҳо берун рафтам. Ба хона расидам. Чаккаро бо равғани зағири фиристодаатон қурутоб кардаву болояшро бо як дона “пиёзи тиллоӣ”-и килояш 10 сомонӣ “оростем” ва тановул кардем.

(Давомаш дар саҳ.5)

Тоҷикистон

ТАШВИШИ ДОВТАЛАБ

Чаро Маркази миллии тестӣ нархро гарон кард?



- Аввали моҳи март дар Тоҷикистон марҳилаи асосии бақайдгирии довталабон барои иштирок дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар соли 2023 (ИМД-2023) оғоз мегардад,- иттилоъ дод Маркази миллии тестӣ. Ҳамчунин, ин марказ аз гарон шудани нархи хадамоташ хабар медиҳад.

Интихоби ихтисос

Иттилоъ дода шудааст, ки дар 44 шаҳру ноҳияи интихобшудаи ҷумҳурӣ 49 нуқтаи доимии бақайдгирӣ ва дар 15 шаҳру ноҳияи дигар нуқтаҳои сайёри бақайдгирӣ ташкил гардидаанд.

Бояд тазаккур дод, ки имсол хонандагоне, ки соли таваллудашон 2005 мебошад, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро хатм менамоянд.

Ҳамчунин, Маркази миллии тестии Тоҷикистон бо мақсади осон кардани кори довталабон барои интихоби ихтисосҳо, ки рӯйхати онҳо бояд ба нуқтаи бақайдгирӣ пешниҳод карда шавад, барномаи "Интихоби ихтисос" таҳия кардааст.

Барномаи мазкур, ки яке аз навгониҳо дар соли рвон мебошад, дар ду гуна: мобилӣ - дар телефонҳои ҳушманд (смартфон) ва компютерӣ - барои истифода дар компютерҳо омода гардидааст.

Ҳамчунин қайд карда шудааст, ки агар довталаб чунин имкон надошта бошад, ба нуқтаи бақайдгирӣ шакли дастнависи онро метавонад пешниҳод кунад.

Киҳо имтиёз доранд?

Марказии миллии тестии назди Президенти Тоҷикистон арзиши хадамоташ дар соли равон барои иштирок дар имтиҳоноти дохилшавиро эълон кард.

Нархи хадамоти иштирок дар имтиҳоноти марказонидаи дохилшавӣ барои хатмкардаҳои синфи 11 ё худ шахсони дорои маълумоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ё миёнаи касбӣ 300 сомонӣ муқаррар шудааст.

Дар ин бора Маркази миллии тестии Тоҷикистон хабар дода, афзуд, ки ин нишондод барои шахсони дорои таҳсилоти умумии асосӣ 210 сомониро ташкил медиҳад.

Нархҳо дар қиёс бо нишондоди соли 2022 мутаносибан 60 ва 30 сомонӣ боло рафтаанд.

Таъкид шудааст, ки арзиши мазкур бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Тоҷикистон мувофиқа шудааст.

Дар баробари ин гурӯҳҳое низ мушаххас шудаанд, ки дар пардохти ҳақи хадамоти Маркази миллии тестӣ дар имтиҳоноти дохилшавӣ аз имтиёзҳо бархӯрдоранд.

Аз ҷумла, шахсони то 21-солае, ки ятими кулл ё бепараст торанд, аз пардохти маблағ барои хизматрасонӣ дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ озоданд.

Инчунин, шахсони то 21-солае, ки падар ё модарашон вафот кардааст ё дар парастории яке аз онҳоянд, маъюбони гурӯҳҳои 1-ум ва 2-юм ва "кӯдакони маъюб" аз пардохти 50%-и маблағ озод мебошанд.

"Агар шахс ҳам маъюби гурӯҳи 1-ум ё 2-юм ё "кӯдаки маъюб" бошаду ҳам падар ё модараш вафот карда бошад, ё дар парастории яке аз онҳо қарор дошта бошад, он гоҳ ӯ аз пардохти маблағ барои хизматрасонӣ дар имтиҳоноти дохилшавӣ озод аст",- омадааст дар иттилоия.

Маркази миллии тестии Тоҷикистон таъкид намудааст, ки шахсони дорои имтиёзҳои зикргардида ҳангоми бақайдгирӣ бояд ҳуҷҷатҳои дахлдор пешниҳод намоянд.

Д. ҚОДИРПУР

Ҷаҳон



БАЪДИ ЭРОН ТУРКИЯ

Оё Толибонро ба расмият мешиносанд?

Консулгарии Афғонистон дар Истамбул ба намояндагони Толибон* супорида шуд ва фиристодаи ин гурӯҳ аллакай корро оғоз кардааст. Дар ин бора хабаргузории "TOLOnews" бо такя ба Вазорати корҳои хориҷии Афғонистон иттилоъ медиҳад.

Ба гуфтаи манбаъ, дар ин бора Зиё Аҳмад Такал, муовини сухангӯи сарпарасти Вазорати корҳои хориҷии Афғонистон иттилоъ дода, гуфтааст, ки "аз рӯзи душанбе дипломатҳои Вазорати корҳои хориҷӣ дар Истамбули Туркия ба кори худ расман оғоз карданд".

"Пас аз ин, дар баробари фаъолиятҳои дипломатӣ бо Туркия, талошҳо барои ироаи хадамоти консулгарӣ ба шаҳрвандони ин кишвар сурат хоҳад гирифт",- афзудааст масъули Толибон.

"TOLOnews" бо такя ба андешаи коршиносони хеш менависад, ки "Толибон аз ин роҳ тағйирот ҷорӣ мекунанд, тағйироти воқеӣ на, танҳо ба таҳкими низоми бароҳмонда, ҳамчунин, ба расмӣ ва ниҳодӣ шудани Иморати Исломӣ замина мегузоранд".

Гуфтан бамаврид аст, ки то кунун ҳеҷ кишваре Толибонро ба расмият намешиносад, аммо қаблан шумороз аз кишварҳо чун Русия, Покистон, Чин, Эрон ва Туркманистон сафорат ва консулгариҳои Афғонистонро ба намояндагони Толибон дода буданд.

Охири ҳафтаи гузашта Сафорати Афғонистон дар Теҳрон низ ба намояндагони Толибон супорида шуда, сафири навтаъйини ин гурӯҳ расман корашро дар Эрон оғоз карда буд.

Аз сӯи дигар, ҳоло аксари сафоратхонаҳои Афғонистон дар кишварҳои хориҷӣ таҳти назорати дипломатҳои ҳукумати қаблӣ қарор доранд.

***Дар Тоҷикистон гурӯҳи террористӣ эътироф шудааст**

"С5+1": БЛИНКЕН БА ВАЗИРОНИ КОРҲОИ ХОРИҶӢ ЧӢ ГУФТ?



Энтони Блинкен - котиби давлатии Амрико рӯзи 28-уми феврал дар шаҳри Остона ва дар чаҳорчӯби "С5+1" бо вазирони корҳои хориҷии панҷ кишвари Осиёи Марказӣ вохӯрд.

Дар нишаст ба тақвияти ҳамкориҳои иқтисодӣ, энержӣ, муҳити зист ва амният таваҷҷуҳ шудааст.

Нишасти "С5+1" аз соли 2015 баргузор мегардад ва ин як маҳфили кориест, ки барои баррасӣ ва ҳамоҳангсозии барномаву нақшаҳои муштарак таъсис шудааст.

Сафари Блинкен ба пойтахтҳои Қазоқистон ва Ӯзбекистон аввалин бозидиди ӯ аз минтақа ба ҳайси дипломати аршад дар ҳукумати Байден мебошад.

Блинкен аснои вуруд ба Қазоқистон бо раисҷумҳур ва вазири корҳои хориҷии Қазоқистон мулоқот кард.

Дар сомонаи Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон хабар додаанд, ки вазир Сироҷиддин Муҳриддин дар нишасти "С5+1" иштирок ва суханронӣ кард, вале дар бораи мулоқоти чудогонаи ӯ бо Блинкен чизе нагуфтаанд. Қарор аст, ки Блинкен ба шаҳри Тошканди Ӯзбекистон сафар кунад. Рӯзи 1-уми март барои иштирок дар мулоқоти вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви G20 ба Ҳинд меравад.

ҚАБРИСТОНИ "ВАГНЕР"

Тоҷикон ҳам дар он дафн шудаанд...



Дар вилояти Маскав қабристони наверо ёфтанд, ки ба ширкати хусусии низомии "Вагнер" тааллуқ дорад.

Дар онҷо маҳбусони кушташуда дар ҷанги Украина, аз ҷумла чанд зодаи Осиёи Марказиро дафн кардаанд. Бахши ӯзбекии Радиои Озодӣ рӯзи 24-уми феврал навишт, ки номи чанд шаҳрванди Ӯзбекистону Тоҷикистон ва Қирғизистонро ёфт.

Қабристони нав дар деҳаи "Маврин"-и ноҳияи Шелковский ҷойгир аст. Дар санги болои гӯрҳо ному насаби ҳалокшудаҳоро навиштаанд. Ҳамаашон мард ҳастанд ва дар миёнаҳои моҳи октябри соли 2022 ва январи соли 2023 дар ҷанги Украина кушта шудаанд.

Ному насаби баъзе аз онҳо чунин аст:

Саидов Муродбег Султонбегович (05.04.1986 - 27.11.2022);

Айдаралиев Амон (27.08.1982 - 24.10.2022);

Ҷонибеков Баҳодур Бурановича (19.08.1977 - 11.01.2023);

Ғуломҷонов Адҳамҷон Луқмонҷонович (16.09.1994 - 19.11.2022);

Авазов Эркин (20.12.1967 - 01.12.2022);

Юсупов Шуҳрат Одилҷонович (07.04.1978 - 23.12.2022).

Бахши ӯзбекии Радиои Озодӣ рӯзи 24-уми феврал навишт, ки шахсияти баъзе аз инҳоро дақиқ кард. Ба иттилои манбаъ, Муродбег Саидов 37-сола ва аз Тоҷикистон будааст. То имрӯз номи 14 нафар зиндонии тоҷик расонаӣ шудааст, ки дар ҷангҳои Русияву Украина кушта шудаанд.

▸▸ *Навгонӣ*

«ЯНДЕКС.GO» ДАР ДУШАНБЕ

Ширкат фаъолияти қонунӣ дорад?

Баҳси фаъолияти "Яндекс. Go" то ҳол дар Душанбе печида боқӣ мондааст. Аз як сӯ ин ширкати русиягӣ пайваста дар шабакаҳои иҷтимоӣ роликҳои тарғиботӣ барои қабули ронандагон пахш мекунад, аз ҷониби дигар, мақомоти тоҷик фаъолияти онро ғайриқонунӣ медонанд.



Вазорати нақлиёт чӣ мегӯяд?

Ширкати "Яндекс.Go" ҳамагӣ ду рӯз кор накарда, фаъолияташ дар Душанбе ғайриқонунӣ дониста шуд. Аз ҷумла, Вазорати нақлиёти Тоҷикистон шарҳ дод, ки мувофиқи қонунгузорӣ "фаъолияти хадамоти диспетчерии таксӣ як қисмати технологии мусофиркашонӣ дар таксӣ мебошад". Яъне, ҷараёни ҳамлу нақли мусофирон дар таксӣ на танҳо аз хидматрасонии мусофирбарӣ, балки аз қабули фармоишҳо, ки аз ҷониби хадамоти диспетчерӣ амалӣ мешавад, низ иборат аст. "Бо ин назардошт, наметавон гуфт, ки хидматрасонии пешниҳоднамудаи ширкати "Яндекс. Go" хидматрасонии платформа (пойгоҳ)-и иттилоотӣ аст. Ширкати мазкур хидматрасониҳои хадамоти диспетчерии таксиро анҷом медиҳад",- омадааст дар ҷавоби ин вазорат дар робита ба хабарҳои фаъолияти ин ширкат дар расонаҳои кишвар.

Ҳамчунин, вазорат дар такя ба банде аз "Қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ оид ба ташкил, амалӣ намудан ва хидматрасониҳои ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ бо таксӣ (бо фармоиши вазири нақлиёти Тоҷикистон аз 14-уми декабри соли 2021 зери №214 тасдиқ шудааст) оварда шудааст: "... ба ҷалби таксӣ барои хидматрасонии мусофирон аз ҷониби як оператори хадамоти таксӣ барои дигар оператори хадамоти таксӣ ва ҳамлу нақли мусофирон дар таксӣ бо рақамҳои қайди давлатии дигар минтақаҳо дар қаламрави шаҳрҳое, ки фаъолияти таксӣ бо симои ягонаи зоҳирӣ" қабул шудааст, роҳ дода намешавад". Бо ин далелҳо Вазорати нақлиёти Тоҷикистон фаъолияти ширкати "Яндекс.Go"-ро дар Тоҷикистон ғайриқонунӣ медонад.

Масъулини "Яндекс Go"чӣ назар доранд?

Хадамоти онлайнии "Яндекс. Go" 15-уми феврал дар бораи оғози фаъолияти худ дар Душанбе хабар дода, муштариёни аввалин бо фармоиши таксӣ тариқи замимае, ки барои iOS ва Android дастрас аст, аз хидматрасонии он истифода карданд. Аммо 16-уми феврал як сохтори дигари мақомоти шаҳр оид ба ташкил ва танзими ҳаракати мусофирбар дар пойтахт - "Душанбенақлиётхадамотрасон" ин хабарро рад карда, изҳор дошт, ки ин ширкат иҷозаи фаъолият дар бозори хидматрасонии таксиҳои пойтахтро надорад. Яъне, сохторҳои марбутаи шаҳрдорӣ изҳор доштанд, ки фаъолияти ин ширкат дар пойтахт ғайриқонунӣ ба роҳ монда шудааст.

Рейди мақомоти милитсия

Пас аз хабарҳои зиёд атрофи хизматрасонии "Яндекс Go" дар Душанбе ва майли бештари ронандагон рейди Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе сурат гирифт. Тибқи иттилои ин сохтор, дар натиҷаи баргузории "чорабинии мақсаднок" ронандагоне, ки бо хадамоти онлайнии "Яндекс Go" ҳамкорӣ доштанду дар пойтахт хидматрасонии онҳоро пешниҳод намуданд, боздошт шуданд. Мақомоти милитсияи Душанбе изҳор дошт, ки "ширкати Русия фаъолияташро дар Тоҷикистон ғайриқонунӣ оғоз намуд, зеро ҳоло дар чумҳурӣ расман ба қайд гирифта нашудааст".

Дар ҳамин росто, ширкати "Яндекс.Go" изҳор намуд, ки ширкат мутобиқи қонунгузории Тоҷикистон фаъолият намуда, онҳо танҳо ба сифати пойгоҳи иттилоотӣ кор мекунанд. ""Яндекс.Go" платформаи байналмилалии иттилоотӣ мебошад. Мо худамон ронандаву мошин надорем. Бо шарикони мусофирбари маҳаллӣ кор мекунем, ки онҳо дар навбати худ бо ронандагон кор карда, ба корбарон хидматрасониҳои нақлиётӣ пешниҳод мекунанд",- омадааст дар иттилоияи ин ширкат.

Дар мавриди ширкати "Яндекс.Go" ва назари мақомоти кишвар суол ба миён меод, ки оё ин ширкат ба Душанбе меояд ва то кучо барои шароит ва рақобат бо дигар ширкатҳои хизматрасони мо рақобатпазир аст? Вале муҳим барои мардум хизматрасонии арзону босифат ва қулай дар ҳама ҳолати фармоиш аст.

Усмон РАҲИМЗОДА

▸▸ *Мушкилот*

ОЧА, ШИР ФИРИСТОНЕД, «4 ЛЕС ЧАККА 3 СОМОНӢ ШУДААСТ»...



(Аввалаш дар саҳ.3)

Чун шикам сер шуд, боз дар фикри маҳсулоти ширӣ афтодам. Баъди радду бадали андешаҳои худ ба худӣ хулоса баровардам, ки беҳтарин роҳ дархости шир кардан аз шумост, очаҷон! Зеро, дигар дил ҳам таҳ кашидааст аз ширҳои обомехтаи мағозаву бозорҳо ва дилгир шудаам аз шири беқаймоқи ширфурӯшҳое, ки бо садои субҳгоҳии "шиииииир, шиииирда биё!" ба ҷойи хурӯс мардумро аз хоб бедор мекунанд.

Дар омади гап, зимни нишасти матбуотӣ вазири рушди иқтисод ва савдо Завқӣ Завқизода аз истеҳсоли 1 млн 212 ҳазор тонна шир дар соли 2022 хабар дода, гуфт, ки "сабаби боло рафтани нархи шир ба мавсим вобастагӣ дорад".

Аммо, очаҷон, ман дар мавриди шир ягон гуна мавсимро намебинам ва тасаввур кардан ҳам намехоҳам. Зеро, шир маҳсулотест, ки ҳеҷ гуна мавсимро намеписандад. Ба ду далел. Якум ин ки, говҳо ҳам дар сардӣ бор меоранд ва низ дар гармӣ. Дувум, дар сардӣ шир истеъмол мешавад ва дар гармӣ боз ҳамон шир, аммо дар шакли дигар, яъне чакка, дӯғ ё чурғот! Пас, роҳи чора чист? Зиёд кардани ҳаҷми истеҳсол. Дигар ҳеҷ!

Барои ҳамин, то зиёд шудани истеҳсолу паст гардидани нарх ширро фиристонед, ширчойу ордоб мепазем, худамон дӯғ мекашем, маска мегирем ва барои қурутоб чаккаву қурут омода мекунем.

Баҳона накобед, очаҷон... "Ҷосусҳо"-и ман хабар оварданд, ки боз гови ало ва ҳам гови сиёҳамон наздик ба таваллуд карданд...

Фазлиддин АСОЗОДА

▸▸ *Тамос*

Гӯшаи нави "Пойтахт" дар ҳафтаномаи "Тоҷикистон" фарогири дастовардҳои шаҳри Душанбе, инъикоси камбудиҳо ба хотири рафъ намудан, назари масъулин ва минбари сокинони пойтахт аст. Агар шумо шоҳиди камбудие дар Душанбе шудед, ба мо нависед.

E-MAIL:
tojikiston@pressa.tj
ТЕЛ: ***93-111-08-61***

▸▸ *Навгонӣ*

«СОМОН ЭЙР» ҲАВОПАЙМОИ НАВ ВОРИД КАРД

Дар шаҳри Душанбе ҳавопаймои чехии "L410 NG" муаррифӣ гардид. Ин ҳавопаймо барои то 20 нафар мусофир ва хатсайрҳои маҳаллӣ пешбинӣ шудааст.

Гуфта мешавад, ки ҳавопаймои "L-410 NG" аз ҷониби Агентии аврупоӣ оид ба бехатарии авиатсионӣ сертификатсия шуда, хусусияти бехтаршудаи парвозиро дорад.

Дар муаррифӣ намояндагони "LET Aircraft Industries" оид ба имконияти техникии ҳавопаймо маълумот дода, намояндагони расмӣ, роҳбарони корхонаҳои авиатсионӣ ба парвози намоишӣ даъват гардида, дар ҷараёни парвоз бо кори ҳавопаймои истеҳсоли Чехия шинос шудаанд.

Қаблан як ҳайати Ширкати "Сомон Эйр" аз корхонаи "LET Aircraft Industries"-и Чехия боздид намуда буданд. Мақсади сафар шиносоӣ бо раванди истеҳсоли ҳавопаймои "L410 NG" ва ҳамчунин, баррасии масъалаҳои омодасозии кадрҳои техникӣ ва парвозии ширкати ҳавопаймоӣ буд.



СИТОРАЕ, КИ НОМЗАДИ ИЛМ АСТ

Ҳамагон Таҳминаро ҳамчун як сарояндаи муваффақ ва набераи Боймуҳаммад Ниёзов мешиносанд. Аммо Таҳмина дар байни ситораҳои чавони имрӯза ягона номзади илм аст ва боз якчанд бартарияту фарқияти дигар дорад.

Аз чумла, фарқияти дигари Таҳмина дар он аст, ки то ҳоло на соҳиби хонаи шахсӣ асту на мошин... Дар ҳоле, ки сарояндаҳои дигар пайваста аз мошин ба мошин ва ҳонаҳарии худ ҳатто дар хориҷи кишвар бо ифтихор хабар медиҳанд.



Чандин сол аст, ки Таҳминаро мешиносам. Духтарест хоксору самимӣ. Ҳарду бобоҳои шодравонаш низ санъаткор буданд. Ӯ дар пойтахт ба дунё омадааст. Дар баробари забони модариаш бо забонҳои русӣ ва англисӣ низ месарояд. Ҳам дар сароидани сурудҳои классикӣ ва ҳам эстрадӣ маҳорати хос дорад. Соли 2005 ҷавонтарин ғолиби озмуни "Ситораҳои асри нав" гардид. Соли 2007 бошад, дар "Суруди сол". Соли 2008 бошад, бо гирифтани 216 балл соҳиби "Шоҳҷоиза"-и озмуни "Панҷ ситораи Интервидения" гардида, нуфузи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ боло бардошт. Соли 2009 дар Фестивали ҷавонони Боку Тоҷикистонро муаррифӣ намуд.

Таҳмина Ниёзова соҳиби се маълумоти олӣ - журналистика, иқтисодиёт ва санъати овозхонӣ буда, Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Донишкадаи санъати муосири Москваро хатм намудааст. Соли 2017 дар аспирантураи Донишгоҳи давлатии Волгоград таҳсилашро давом дода, бо навиштани рисола дар мавзуи «Инъикоси масъалаҳои санъат дар ВАО-и русии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолият (1991-2011)» ба гирифтани унвони илмии номзади илмҳои филологӣ шарафёб шудааст.

Соли 2011 лауреати озмуни байналмилалии сарояндагони эстрада «Славянский базар - Витебск 2011» гашт. Соли 2012 бошад, дар озмуни мусиқавии кишвари Черногория бо суруди «My Heart Makes Boom» баромад намуд ва суруди мазкур дар қатори панҷгонаи бехтарин ҷой гирифт. Дар озмуни ҷумҳуриявии «Ҷило - 2012» бошад, сазовори номинатсияи «Маъруфи сол» гардид.

Бале, Таҳмина дунёи тамоман дигар дорад. Дунёи ӯ дар эҷодиёти рангинаш инъикос ёфтааст. Чанде аз сурудҳои бобои шодравонаш Боймуҳаммад Ниёзовро бозхонӣ намуда, ба ин васила ба он сурудҳо умри дубора бахшид.

Ба Таҳмина барору комёбиҳо орзу намуда, хоҳони онем, ки бо сурудҳои наву дилангези худ табъи ҳаводоронашро шод намояд ва барои рушду равнақи санъати миллӣ саҳми сазовор гузораду ҳарчи бештар дар хориҷи кишвар аз фарҳанги воло ва санъати ғании кишвари мо муаррифгар бошад.

Насрулло ТӮЙЧИЗОДА,
журналист

▸▸ *Дуруст бинависем!*



Баҳриддини АЛАВӢ,
номзади илми филология

БИЛЕТ ДУРУСТ Ё ЧИПТА?

Билет ба тоҷикӣ ҳамон билет бимонад, беҳтар аст. Кадом шахси "олимнамо"-и камдониш вожаи "чипта"-ро дар охирҳои замони шӯравӣ ва пас аз пошхӯрии он аз кадом бортӯдае пайдо карда, вориди луғат кардааст, ки комилан ғалат аст.

Аз нигоҳи сотсиолингвистика ва психолингвистика вожаи "чипта" ҳеҷ тасаввуре (association) дар зеҳну ёди як тоҷикзабон/форсизабон эҷод намекунад. Беҳтар аст ин вожаи ғариб аз забон пок шавад ва ҳамон вожаи байналмилалии фаронсавии билет (billet) дар ҷои худаш биистад. Русҳо, ки забони худро бузургтарин забон дар ҷаҳон медонанд, аз фаронсавӣ ин вожаро иқтибос карданд. Дар баъзе минтақаҳо халта ё ҷуволро чипта мегӯянд. Чӣ гуна халта ҷои билетро гирифтааст, ман дар шигифтам.

УРЕБЧА ПАМПЕРС АСТ?

Ба ҳамин монанд вожаи уребча, ки ба ҳеҷ ваҷҳ маънои памперси кӯдакро (diaper, pampers) намерасонад.

Вале хушбахтона, ин вожаи ғализи уребча ҷо наафтод ва ҳама памперс мегӯянд, ки худ гувоҳи корбурди ғалати ин дурӯғвожа аст. Барои памперс дар Эрон пӯшаки навзод мегӯянд, ки беҳтар аз уребча аст. Яке аз дӯстон вожаи маъмули тоҷикӣ - фархакро пешниҳод кард, иддае ҳам обчинаку намгирак, гандғундор, гандгирак пешниҳод намуданд. Муҳтарам Зулфониён - кормандии Кумитаи истилоҳот зеробчинакро пешниҳод намуд. Дӯстон ба ман гуфтанд, ки уребча вожаи маъмул дар Истаравшан аст. Ба гуфтаи дӯстон, дар он ҷо арақчини сарро ба шакли уреб ба гирди сар мебанданд ва онро уребча мегӯянд. Вале вожаи уреб дар забони мӯйсафедон дар ҳама минтақаҳои Тоҷикистон пештар ба кор мерафт, ба маънои кач ва хати кач ва пайроҳаи кач бар фарози кух. Ҳанӯз ҳам дар забони наслҳои миёнсол вуҷуд дорад.


▸▸ *Нигаронӣ*

ТАШВИШИ СИМКОРТ

Ман соҳиби 2 фарзанди ноболиғ ҳастам. Мехоҳам ҳама вақт бо фарзандонам дар тамос бошам. Ғайр аз ин, фарзандонам ҳам дар тамоси ҳамдигар бошанд. Лекин, аз рӯи талабот аз як ширкати мобилӣ барои 1 нафар аз 2 симкорт зиёд харидорӣ кардан мумкин нест.

Яъне, ман маҷбурам 2 симкорт аз як ширкат ва 1 симкорти дигар аз ширкати дигар гирам. Барои 1 симкорт аз дигар ширкат гирифтанам маҷбурам боз барои худам ҳам аз ширкати дуюм симкорт гирам, зеро байни ширкатҳо алоқаи мобилӣ хеле гарон аст. Аз чиҳати молиявӣ ин беҳад ноқулай аст. Оё имкон нест, ки ширкатҳои мобилӣ тарофаҳои оилавӣ ҷорӣ кунанд ва ин мушкил аз миён равад?


Ш. МИРЗОЕВ,
шаҳри Душанбе



Ҷиноят ва ҷазо

ҶАЗОИ ПАДАР БАРОИ ҚАТЛИ ДУХТАР

Суди шаҳри Душанбе нисбати сокини 67-солаи шаҳри Душанбе Гурез Саидов барои ба қатл расонидани духтари 11-сола аш 25 сол ҳукми зиндон таъйин кардааст. Дар ин бора Прокуратураи генералӣ хабар дод.



Ба иттилои манбаъ, "падари сангдил Гурез Саидов асояшро, ки дар дохили ҳуҷра гузошта шуда буд, гирифта, бо бераҳмии махсус ба қисмати сару рӯй, дасту пой, шикам ва танаи Мадинаи хурдсол чандин маротиба зарбаҳои сахту ҷонкоҳ мезанад".

Гумонбар ин корро ба хотири он кардааст, ки дар ҷайбаш 1000 сомонӣ набудааст ва гумон кардааст, ки маблағҳоро духтараш гирифтааст.

Суди шаҳри Душанбе нисбати Саидов Гурез Шарипович бо моддаи 104-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати 25 сол бо адо намудани ҷазо дар колонияи ислоҳии дорои низомаш пурзӯр ҳукм таъин кардааст.

КУШТОРИ НАВРАС ҶАВОНИ 18-СОЛАРО ПАСИ ПАНҶАРА БУРД



Кормандони ВКД дар ноҳияи Сино Шеров Валиҷон, Абилазов Иззатбеки 18-сола ва Юнусзода Сунатуллои 19-соларо ба гумони куштор ва авбошӣ дастгир карданд.

Дар ин бора Вазорати корҳои дохилӣ хабар медиҳад ва сабаби он дашномҳои ночизи лафзӣ гуфта мешавад.

Номбурдагон санаи 2-юми феврал бегоҳ дар кӯчаи Нусратулло Махсуми пойтахт бо гурӯҳе аз ноболиғон муноқиша мекунанд. Дар натиҷаи муноқиша Шеров Валиҷон бо корди бо худ оварда ба узвҳои ҳаётан муҳими ноболиғ Ҳоҷиев Имронҷон мезанад. Дар натиҷа ноболиғ ҷароҳат бардошта, ба ҳалокат мерасад.

Нисбати Шеров Валиҷон тибқи моддаи 104 (куштор) ва 237 (авбошӣ) ва нисбати ҳаммаслаконаш бо моддаи 237 (авбошӣ) парвандаи ҷиноятӣ боз шудааст.

ВАҚТЕ ПИСАР ПАДАРРО ЛАТУКӮБ МЕКУНАД...



Кормандони ВКД дар ноҳияи Мастчоҳ Илҳом Қарабошеви 40-соларо барои расонидани зарар ба саломатии инсон дастгир карданд. Ӯ ба падарозорӣ муттаҳам мешавад.

Илҳом Қарабошев санаи 30-юми январ падари маризи худ Уралбой Қарабошеви 69-соларо, ки аз бемории сакта қалб 6 сол аст бистарӣ аст, ба хотири он, ки пешобаш гилемро олуда кардааст, мавриди латукӯби шадид қарор додааст.

Нисбати Илҳом Қарабошев бо моддаи 111-и Кодекси ҷиноятӣ парванда боз шудааст.

Таҳияи Идибеки САИД

ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ АКАДЕМИК М.С. ОСИМӢ

Тел.: +992 (372)27-15-20
Тел.: +992 (372)21-36-87
Email: dovtalab@ttu.tj

БОРГОҲИ КАШФИЁТУ ИХТИРООТ



ДАВЛАТЗОДА ҚУДРАТ ҚАМБАР,
ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ

Довталабони азиз!

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ дар омода намудани мутахассисони дар бозори меҳнат рақобатпазир нақши муассир дорад. Аз таърихи 67-солаи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ аён аст, ки муассисаи мазкур моҳи январи соли 1956 нахуст ҳамчун Институти политехникии Сталинобод таъсис дода шуда, дар соли аввал дар се факултет аз рӯйи 8 ихтисос ҳамагӣ 200 нафар донишҷӯёнро қабул намуда буд. Соли 1961 Институти политехникии Сталинобод Институти политехникии Тоҷикистон номгузорӣ шуд. Бо соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон дар соли 1992 Институти политехникии Тоҷикистон ба Донишгоҳи техникии Тоҷикистон табдили ном кард ва бо мақсади пос доштани хизматҳои шоёни аввалин ректори он Муҳаммад Осимӣ дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №70 аз 07.02.1997 Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ номгузорӣ шуд.

Барои пешбурди фаъолияти таълимӣ-методӣ ва илмӣ дар 47 кафедраи донишгоҳ 502 нафар омӯзгорон, аз ҷумла 1 нафар академик, 2 нафар узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 36 нафар доктори илм, 246 нафар номзади илм фаъолият мекунанд. Ҳоло Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ ҳамчун донишгоҳи базавӣ дар самти омодасозии кадрҳои илмию муҳандисӣ саҳми босазо дорад. Зеро донишгоҳ дорои нерӯи пуриқтидори кадрӣ ва илмӣ - техникии ҷавобгӯ ба талаботи муосир мебошад. Дар ин муассисаи олии бонуфуз вобаста ба рушди соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия, энергетика, технологияи иттилоотӣ, шабакаҳои алоқа, сохтмон ва меъморӣ, радиотехника, металлургия, технологияи кимиёвӣ мутахассисон омода мешаванд.

Довталабони гиромӣ!

Агар мехоҳед худро ҳамчун муҳаққиқи ҷавону умедбахш ва муҳандиси моҳиру кордон бубинед, дар тавсеаи ҷаҳонбинии техникӣ ва иттилоотиву иртиботии хеш муваффақ гардед, истифодабарандаи фаъол ва ихтироъкори технологияҳои навини саноативу сохтмонӣ ва муҳандисиву конструкторӣ бошед, бо донишу малакаи хеш дар таъмини истиқлоли энергетикии кишвар, таъсиси долонҳои бузурги транзитӣ ва саноатикунонии босуръати он мавқеи калидӣ дошта бошед, конструктори дастгоҳу таҷҳизот ва мошинолоти гуногун бошед, меъмори касбӣ ва офарандаи муъҷизаҳои сохтмонӣ гардед, мутахассиси баландихтисоси соҳаи роҳу нақлиёт ва технологияҳои иттилоотию инноватсионӣ бошед, пас Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ шуморо интизор аст.

Марҳабо, ба махзани илму маърифат ва боргоҳи кашфиёту ихтироот!

Факултетҳо	Рамзи ихтисос	Номгӯи ихтисосҳо	Нақшаи қабул	Шуъбаи рӯзона					Шуъбаи фосилавӣ		
				буҷ.		шарт.		Маблағи тахсил	Шарт.		Маблағи тахсил
				тоҷикӣ	русӣ	тоҷикӣ	русӣ		тоҷикӣ	русӣ	
ГУРӮҲИ ИХТИСОСҲОИ 1 - "ТАБИӢ ВА ТЕХНИКӢ"											
Энергетикӣ	153010403	Автоматика ва ҳифзи релеии дастгоҳҳои барқӣ	25	4		21		7235			
	153010501	Автоматонии ҳаракатоварҳои барқии дастгоҳҳои саноатӣ ва нақлиётӣ	25	5		20		7235			
	1530105	Автоматонии ҳаракатоварҳои барқӣ	75	4	4	21	21	7235		25	3620
	1390101	Радиотехника	25		4		21	7054			
	1380202	Дастгоҳҳо ва системаҳои биотехникӣ ва тиббӣ	50		5		20	6770		25	3385
	1430101	Неругоҳҳои барқӣ	100	8	4	42	21	7618		25	3810
	143010505	Манбаҳои барқароршавандаи ғайрианъанавии энергия	25	5		20		7618			
	1430102	Низом ва шабакаҳои энергетикии барқӣ	25		4		21	7618			
	1430103	Таъмини барқ (аз рӯйи соҳаҳо)	100	8	4	42	21	7618		25	3810
	1430104	Истгоҳҳои барқии ҳароратӣ	25	5		20		7618			
	1430105	Энергетикаи ҳароратии саноатӣ	25	5		20		7618			
Механикӣ ва технологӣ	133010303	Бехатарии ҳаёту фаъолият	25			25		4200			
	1330104	Мониторингу экология, менеҷмент ва аудит	50	5		20		4200		25	2495
	133010105	Ҳифзи муҳандисии муҳити зист	25	5		20		4200			
	14201010101	Истеҳсолоти рехтагарии металлҳои сиёҳ ва ранга	25	5		20		4200			
	14201010104	Металлургияи металлҳои ранга	25		5		20	4200			
	1520201	Технология ва таҷҳизоти саноати заргарӣ	25	5		20		4991			
	150010101	Ресидани нахи табиӣ	25	5		20		4200			
	150010108	Технология ва таҷҳизоти истеҳсоли наҳҳои табиӣ	25	5		20		4200			
	150010109	Технологияи маводҳои нассоҷӣ	25	5		20		4200			
	136080102	Мошинҳо ва дастгоҳҳои саноати бофандагӣ	25	5		20		4200			
	1360101	Технологияи мошинсозӣ	50	4		21		4200		25	2495
	1360103	Таҷҳизоти технологии истеҳсолоти мошинсозӣ	25	5		20		4200			
	136010103	Технологияи истеҳсолоти автоматикунонидашуда	25	4		21		4200			
	1360102	Масолеҳшиноӣ дар мошинсозӣ	25	5		20		4200			
	136020105	Мошинҳо ва дастгоҳҳои металлургӣ	50		5		20	4200		25	2495
	136070103	Мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсолоти коркарди нафт ва истеҳсолоти нафту химия	25		5		20	4991			
	154010101	Метрология, стандартқунонӣ ва сертификатсия (дар саноати мошинсозӣ ва асбобсозӣ)	25	5		20		4991			
	1540102	Усулҳо ва дастгоҳҳои назорати сифат ва ташхиси ҳолати иншоот	25	4		21		4991			
	15401010103	Сертификатсия ва идоракунии сифат	50	5	5	20	20	4991			
	136060101	Мошинаҳо, таҷҳизот ва низоми коркарди иттилотии саноати полиграфӣ	25	5		20		4991			
	1470201	Технологияи саноати полиграфӣ	25	5		20		4991			
	1480104	Технологияи саноати электрохимиявӣ	25	5		20		4200			
	1480101	Технологияи химиявии моддаҳои ғайриорганикӣ, мавод ва маҳсулот	25	5		20		4200			
	148010107	Технологияи масолеҳи сохтмонӣ дар моддаҳои часпак	25		5		20	4200			
	148010209	Технологияи ороиш ва рангубори масолеҳи нассоҷӣ	25	5		20		4200			
Нақлиёт ва инфрасохтори роҳ	137010502	Автомобил ва хоҷагии автомобилӣ	25	4		21		6349			
	137010601	Истифодабарии техникии автомашинаҳо (нақлиёти автомобилӣ, истифодаи ҷамъиятӣ ва шахсӣ)	25	3		22		6349			
	1440302	Ташкили ҳаракат дар роҳ	75			50		7054		25	3527
	108010109	Таълими касбӣ (нақлиёти автомобилӣ)	25	4		21		6349			
	1370107	Хизматрасонии автомобилӣ (Автосервис)	25			25		6349			
	137020201	Вагонҳо	50	5		20		3993		25	2495
	1370401	Истифодабарии техникии муҳарикҳо ва киштиҳои ҳавоӣ	50		4		21	6349		25	3175
	137040201	Истифодабарии техникии таҷҳизоти авиатсионӣ (таҷҳизоти барқӣ равшандиҳӣ)	25				25	6349			
	137040202	Истифодабарии техникии таҷҳизоти авиатсионӣ (таҷҳизоти радио-электронӣ)	25				25	6349			
	1510202	Коркард ва истифодабарии конҳои нафту газ	50		5		20	5390		25	2695
	1480135	Коркарди нафту газ	25		4		21	4991			
	170030204	Кӯпрукҳо ва гузаргоҳҳои зеризаминии нақлиётӣ	25	4		21		6349			
	1370205	Сохтмони роҳи оҳан, роҳ ва хоҷагии роҳҳо	25	4		21		6349			
	170030101	Сохтмони роҳҳо ва фурудгоҳҳо	50	4		21		6349		25	3175
	1361101	Таҷҳизот ва нақлиёти роҳ, сохтмонӣ ва борбардорӣ (аз рӯи соҳаҳо)	25	5		20		5079			
	174060301	Ташкил ва технологияи хизматрасонии техникӣ	25	4		21		4991			

Факултетҳо	Рамзи ихтисос	Номгӯи ихтисосҳо	Нақшаи қабул	Шуъбаи рӯзона					Шуъбаи фосилавӣ		
				буҷ.		шарт.		Маблағи тахсил	Шарт.		Маблағи тахсил
				тоҷикӣ	русӣ	тоҷикӣ	русӣ		тоҷикӣ	русӣ	
Сохтмон ва меъморӣ	1560202	Геодезия ва харитасозӣ	25	5		20		7054			
	1690101	Меъморӣ	44	4	4	18	18	7235			
	169010109	Дизайни муҳити меъморӣ	50	5	5	20	20	7235			
	170020106	Сохтмони зеризаминӣ ва шахтаҳо	25	5		20		7170			
	1700201	Сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ	96	8	4	42	21	7170		21	3385
	170040201	Системаи таъмини газу гармӣ ва ҳавотозакунӣ	25	4		21		6642			
	170040205	Тоза кардани ҳаво ва таъмини хунукӣ	25	5		20		6642			
	170040301	Системаҳои таъмини об ва обпартовҳо	50	4		21		6642	25		3320
	1700101	Истеҳсоли масолеҳ, маснуот ва конструксияҳои сохтмонӣ	25	5		20		6285			
	170020105	Лоиҳакашии биноҳо ва иншоот	100	8	4	42	21	7170		25	3385
	1700202	Ташхис ва идораи амволи ғайриманқул	25	5		20		7170			
	170040103	Сохтмон ва истифодабарии неругоҳҳои обию барқӣ	50	4		21		6642		25	3320
	170040304	Истифодабарии оқилона ва ҳифзи захираҳои обӣ	25	5		20		6642			
Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ	1530101	Автоматонии раванҳои технологӣ ва истеҳсолот (аз рӯи самтҳо)	25		4		21	6349			
	1530107	Технологияи иттилоотӣ ва идоракунӣ дар системаҳои техникӣ	25		4		21	6349			
	140030102	Технологияи зеҳнии компютерии ҳифзи иттилоот	25			25		6349			
	140030105	Воситаҳои олотӣ ва технологияи лоиҳакашии системаҳои зеҳнӣ	25			25		6349			
	1530102	Автоматонии системаҳои коркарди иттилоот	73	4	4	20	20	6349		25	3620
	1400101	Таъминоти барномавии технологияҳои иттилоотӣ	25			25		6349			
	140010204	Низом ва технологияи иттилоотӣ (дар коркард ва пешниҳоди иттилоот)	25			25		6349			
	19801010105	Амнияти автоматонии системаи коркарди иттилоот ва идоракунӣ	25	5		20		6349			
	19801010103	Системаҳоии муҳофизатии иттилоот	25		5		20	6349			
	145010302	Шабакаҳои алоқа ва таксими иттилоот	75	4	4	21	21	6349		25	3810
ФМТ ДМТБ-ДТТ*	14301	Энергетика (ФМТ ДМТБ-ДТТ*)	50		5		45	7759			
	13802	Дастгоҳҳо ва системаҳои биотехникӣ ва тиббӣ (ФМТ ДМТБ-ДТТ*)	25				25	7759			
	13601	Мошинсозӣ (ФМТ ДМТБ-ДТТ*)	25		5		20	7759			
	17002	Сохтмон (ФМТ ДМТБ-ДТТ*)	50		5		45	7759			
	16901	Меъморӣ (ФМТ ДМТБ-ДТТ*)	25		5		20	7759			
	17003	Нақлиёт ва роҳ (ФМТ ДМТБ-ДТТ*)	25		5		20	7759			
	14001	Воситаҳои математикӣ ва барномавӣ (ФМТ ДМТБ-ДТТ*)	25		5		20	7759			
ФАШ АДАБ-ДТТ**	1370401	Истифодабарии техникии муҳарикҳо ва киштиҳои ҳавоӣ (ФАШ АДАБ-ДТТ**)	25				25	7759			
	137040201	Истифодабарии техникии таҷҳизоти авиатсионӣ (таҷҳизоти барқӣ равшандиҳӣ) (ФАШ АДАБ-ДТТ**)	25				25	7759			
	137040202	Истифодабарии техникии таҷҳизоти авиатсионӣ (таҷҳизоти радио-электронӣ) (ФАШ АДАБ-ДТТ**)	25				25	7759			
	144010501	Ташкили ҳаракат ва таъмини парвозҳо дар нақлиёти ҳавоӣ (ташкили ҳаракати ҳавоӣ) (ФАШ АДАБ-ДТТ**)	25				25	7759			
ГУРӮҲИ ИХТИСОСҲОИ 2 - "ИҚТИСОД ВА ГЕОГРАФИЯ"											
	12602	Бизнес-идора (ФМТ ДМТБ-ДТТ)*	25		5		20	6770			
Иқтисодиёти соҳаҳо ва идора	126010310	Бехатарии иқтисодӣ	25	4		21		3993			
	126010101	Идоракунии мақомоти маҳаллӣ	25			25		3993			
	125011026	Иқтисодиёти рақамӣ	25	4		21		3993			
	127010112	Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (алоқа)	25				25	5415			
	127010101	Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (мошинсозӣ)	25	4		21		3993			
	127010107	Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (нақлиёти авиатсионӣ)	46		4		21	5079		21	3175
	127010102	Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (нақлиёти автомобилӣ)	50	4		21		5079		25	3175
	127010117	Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (сохтмон)	50	4		21		5415		25	3385
	127010103	Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (хоҷагии роҳ)	25	4		21		5079			
	127010104	Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (хоҷагии коммуналӣ)	25	4		21		3993			
	127010110	Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (энергетика)	50	4		21		5415		25	3385
	126020323	Логистика	25	4		21		5079			
	126020207	Менеҷменти истеҳсолӣ	50	4		21		4200		25	2495
ГУРӮҲИ ИХТИСОСҲОИ 1 - "ТАБИӢ ВА ТЕХНИКӢ"											
	1440101	Ташкили ҳамлу нақл ва идоракунии нақлиёти автомобилӣ ва шаҳрӣ	75	6		44		6349		25	3175
	144010502	Ташкили ҳамлу нақл ва идоракунии нақлиёти ҳавоӣ	25		5		20	6349			
	1440103	Ташкили ҳамлу нақл ва идоракунии нақлиёти роҳи оҳан	50		5		20	6349		25	3175

ДСРТ - ЯКЕ АЗ ПЕШҚАДАМТАРИНҲО



Файзулло Машраб Қурбоналӣ, ректори ДСРТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор



Соҳаи маориф яке аз соҳаҳои аввалиндараҷа муҳим барои тамоми миллатҳо, аз ҷумла тоҷикон ба шумор меравад. Дар кишвари мо Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон ДСРТ яке аз пешқадамтаринҳо буда, дар он шароитҳои замонавии таълим фароҳам оварда шудааст, ки дар саросари кишвар қариб назираш дида намешавад.

Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон ҳамчун яке аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии пешсаф ва замонавӣ дар бахши тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар соҳаҳои гуногуни ҳаётан муҳиму зарурии кишвар, аз қабили васоити ахбори омма, маориф, иқтисод, ҳуқуқшиносӣ, робитаҳои байналмилалӣ, фарҳангшиносӣ, инчунин технологияҳои муосири иттилоотӣ нақши бориз дорад.

Саҳми ДСРТ дар амалӣ намудани ислоҳоти зинаи таҳсилоти олии касбӣ ва баланд бардоштани сифати тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ва соҳибтаҷриба назаррас аст.

Дар ДСРТ муаллимони соҳибтаҷриба аз ҳисоби хатмкунандагони ин даргоҳ тайёр карда мешаванд, ки натиҷабахш ва босамар аст. Зеро ин хатмкунандагон таҳсилкардаи ҳамин донишгоҳанд ва илова бар он, ки донишҷӯён таҷрибаи устодони варзидаи худро аз худ кардаанд, боз аз руҳияву рафтори таҳсилкунандагон, инчунин аз фазои фарҳангӣ-илмии донишгоҳ комилан бохабаранд, ки ин барои хубтар ба роҳ мондани таълим ва дар сатҳи олӣ гузаронидани машғулиятҳо аввалиндараҷа аст.

Китобу дастурҳои таълимӣ бевосита аз тарафи Донишгоҳи славянӣ барои донишҷӯён ҳам дар шакли электронӣ ва ҳам дар шакли китобӣ, яъне чопӣ фароҳам оварда шудаанд. Ғайр аз ин, донишгоҳ дорои китобхонаи замонавӣ мебошад, ки донишҷӯён метавонанд аз он тамоми намуди маводҳои лозимиро дастрас ва мутолиа намоянд.

Бояд гуфт, ки Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон дар тобеияти муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия қарор дорад. Аз ин хотир, он дорои мақоми донишгоҳи давлатии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мавриди ба зикр аст, ки донишгоҳ 5-уми апрели соли 1996 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 141 тибқи шартномаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ миёни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.05.1993 таъсис ёфтааст. Муассисон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия мебошанд.

Натичаи кӯшишу ғайрати аҳли ин боргоҳи маърифат буд, ки бо дарназардошти шуҳрат ва сатҳи таълим аз соли 2000-ум инҷониб донишҷӯён аз хориҷи кишвар ба ДСРТ дохил шуданро сар карданд. Дар тӯли тамоми давраи таҳсил хориҷиён забони русиро меомӯзанд.

Ногуфта намонад, ки пас аз суперидани бинои нави таълим дар соли 2016, лабораторияҳои муосири лингафонӣ барои таълими забонҳо ба истифода дода шуданд, ки сатҳу сифати таълимро боз ҳам баландтар кард.

Бояд зикр намуд, ки айни замон ДСРТ дорои 6 факултет, зиёда аз 5500 донишҷӯён, 179 доктор ва номзади илм, зиёда аз 49 барномаи таълимӣ (аз онҳо 12 барномаи таҳсилотии дорои шаҳодатномаи аккредитатсияи байналхалқӣ), 5 бинои таълимӣ ва хобгоҳ барои 250 ҷойи зист мебошад.

Бино ба гуфтаи ректори ДСРТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзулло М. Қ., консепсияи рушди ДСРТ ба чунин самтҳо такя мекунад:

- Таҳсилотӣ - ҳифз ва инкишофи дастовардҳои пешқадами таҳсилоти Федератсияи Россия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

- Илмӣ - нигоҳ доштан ва зиёд кардани нерӯи илми тоҷик аз рӯйи равияҳои асосӣ дар пояи анъанаҳои беҳтарини Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи ҷаҳонӣ.

- Фарҳангӣ - мустаҳкам намудани мавқеи забони русӣ ва фарҳанги рус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Довталабон метавонанд бидуни шак ин даргоҳи илму маърифатро интихоб намоянд, зеро Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон - ин ояндаи дурахшон ва фардои пурумеди ҳар яки онҳост.

БАКАЛАВРИАТ	МАБЛАҒИ ПАРДОХТИ ТАҲСИЛ 2023-2024 (бо сомонӣ)				
Барномаи таҳсилотӣ	РАВИЯҲОИ ОМОДАГӢ	Рӯзона		Ғоибона (фосилавӣ)	
		Барои шаҳрвандони ҶТ	Барои шаҳрвандони хориҷӣ	Барои шаҳрвандони ҶТ	Барои шаҳрвандони хориҷӣ
Ҳуқуқшиносӣ	• Давлатӣ-ҳуқуқӣ • Шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ • Байналхалқӣ-ҳуқуқӣ • Истехсолоти судии чиноятӣ • Чиноятӣ-ҳуқуқӣ ва асосҳои фаъолияти прокурорӣ • Соҳибкорӣ-ҳуқуқӣ	8150	10300	-	-
Филология	• Филологияи рус	3370	6200	2470	5060
Забоншиносӣ	• Назария ва методикаи таълими забону фарҳангҳои хориҷӣ (забони англисӣ)	8180	10300	-	-
	• Назария ва методикаи таълими забону фарҳангҳои хориҷӣ (забони олмонӣ)	4070	6200	-	-
	• Назария ва методикаи таълими забону фарҳангҳои хориҷӣ (забони чинӣ)	9680	11600	-	-
Журналистика	• Таърих ва назарияи низоми ВАО • Рӯзноманигории байналхалқӣ	5040	6600	4150	6300
Муносибатҳои байналхалқӣ	• Муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати хориҷӣ	9860	11640	-	-
Минтақашиносии байналхалқӣ	• Равандҳои ҷаҳонии сиёсӣ дар Осиёи Миёна ва Аврупро	6200	10300	-	-
Таърих	• Таърихи умумӣ ва ватанӣ	3150	3400	2450	4400
Фарҳангшиносӣ	• Фарҳангшиносӣ ва лоиҳаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ	3150	5100	2450	4600
Менеҷмент	• Менеҷменти ташкилот	8140	10300	-	-
Иқтисодиёт	• Молия ва қарз • Баҳисобгирии муҳосибӣ • Иқтисоди ҷаҳонӣ	9680	11600	-	-
Информатикаи амалӣ	• Информатикаи амалӣ дар иқтисодиёт • Инженерияи таъминоти барномавӣ	6500	9100	3400	7280
Сайёҳӣ	• Менеҷмент дар сайёҳӣ • Хизматрасонӣ дар сайёҳӣ	6500	7400	6000	6900
Физика	• Физикаи умумӣ	3880	6200	-	-
Математика	• Математикаи умумӣ	3850	6200	-	-
Химия	• Химияи умумӣ	3880	6200	-	-
Биология	• Биологияи умумӣ	3880	6200	-	-
Таҳсилоти педагогӣ	• Забон ва адабиёти рус; • Таҳсилот ва равоншиносии томактабӣ; • Таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогика	4400	6300	3140	5100
МУТАХАССИС					
Тарҷума ва тарҷумашиносӣ	• Муошарати байнизабонӣ ва байнифарҳангӣ (забони англисӣ).	8650	10300	-	-
Ҳуқуқшиносӣ	• Таъминоти ҳуқуқии бехатарии миллӣ	8500	10300	6500	8500
МАЪЛУМОТИ 2-ЮМ					
Иқтисодӣ	• Молия ва қарз • Баҳисобгирии муҳосибӣ • Иқтисоди ҷаҳонӣ	-	-	6700	9780
Ҳуқуқшиносӣ	• Давлатӣ-ҳуқуқӣ • Шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ • Байналхалқӣ-ҳуқуқӣ • Чиноятӣ-ҳуқуқӣ • Истехсолоти судии чиноятӣ ва асосҳои фаъолияти прокурорӣ • Соҳибкорӣ-ҳуқуқӣ	-	-	6700	8700
Сайёҳӣ	• Менеҷмент дар сайёҳӣ	-	-	5000	6200
Маълумоти педагогӣ	Таҳсилот ва равоншиносии томактабӣ • Таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогика	-	-	3400	5100
МАГИСТРАТУРА					
Информатики амалӣ	• Информатикаи амалӣ (дар иқтисодиёт)	6300	7400	-	-
Менеҷмент	• Маркетинг • Менеҷменти байналхалқӣ	5550	7400	4440	6400
Муносибатҳои байналхалқӣ	• Дипломатияи бисёртарафа	6200	7400	-	-
Фарҳангшиносӣ	• Фарҳангшиносии амалӣ	3400	4900	2530	4300
Журналистика	• Таърихи журналистика ва радиошунавонии муосир • Журналистикаи муосири байналхалқӣ • Фарҳанг ва медиа	4650	6200	3920	5900
Филология	• Адабиёти рус ва адабиётшиносии мақоисавӣ • Забони русӣ ва муошарати байнифарҳангӣ	3360	4900	2500	4300
Иқтисодӣ	• Бақайдгирӣ, таҳлил, аудит • Иқтисодиёти ҷаҳонӣ	6300	7800	6000	6700
Молия а қарз	• Фаъолияти молиявӣ ва бонкӣ	6300	7800	6000	6700
Сайёҳӣ	• Сайёҳии байналхалқӣ	5000	6500	3500	5500
Кори иҷтимоӣ	• Кори иҷтимоӣ бо категорияҳои осебпазири аҳолӣ	3500	5000	-	-
Забоншиносӣ	• Назарияи тарҷума ва муошарати байнифарҳангӣ/ байнизабонӣ • Забоншиносии муосир ва менеҷменти муошаратӣ	4650	6200	3920	5900
Ҳуқуқшиносӣ	• Ҳуқуқи байнлхалқӣ • Чиноятӣ – криминалӣ • Асосҳои фаъолияти тафтишотӣ • Ҳуқуқи шаҳрандӣ • Ҳуқуқ ва тичорат • ҳуқуқшинос дар соҳаи идоракунии давлатӣ • Ҳокимияти судӣ	6300	7800	6000	6700
Таърих	• Таърихи ватанӣ	3500	4900	2320	4700
Минтақашиносии байналхалқӣ	• Сиёсати давлатҳо дар Авруосиё дар шароити ташаккулёбии тартиботи нави ҷаҳонӣ	6200	7400	5870	6400
Химия	• Химияи назариявӣ ва таҷрибавӣ	3880	6200	-	-
Математика	• Математикаи фундаменталӣ	3850	6200	-	-
Биология	• Биохимия вабиологияи молекулярӣ	3880	6200	-	-
Физика	• Физикаи назариявӣ ва таҷрибавӣ	3880	6200	-	-
АСПИРАНТУРА					
Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ		5300	6200	3980	4650
Забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ		5300	6200	3980	4650
Иқтисодиёт		5300	6200	3980	4650
Васоити ахбори омма ва фаъолияти иттилоотӣ-китобдорӣ		5300	6200	3980	4650
Илмҳои хусусии ҳуқуқӣ (тамаддунӣ)		5300	6200	3980	4650
ДОКТОРАНТУРА (ДОКТОР PhD)					
Иқтисодиёт		5300	6200	-	-
Ҳуқуқшиносӣ		5300	6200	-	-

Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» бузургтарину машҳуртарин муассисаи олии таълимӣ дар соҳаи маорифу тандурустии кишвар маҳсуб меёбад. Аз ҷониби роҳбарияти донишгоҳ бо дарназардошти ҷаҳонишавии таҳсилот, рушди илм ва талаботи имрӯза ба раванди таҳсилот «Стратегияи рушди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино то соли 2025» таҳия гардида, дар самтҳои афзалиятнок корбарӣ шуда истодааст.



ДДТТ - МУАССИСАИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФУ ТАНДУРУСТИ



Маҳмадшоҳ Гулзода, ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино

ОМОРИ МУХТАСАР

Дар сохтори донишгоҳ хадамоти ректор, 2 раёсат, 12 шуъба, 8 бахш, 15 марказ, 5 факултет, 60 кафедра, 20 шӯро ва 27 озмоишгоҳи таълимию илмӣ фаъолият мекунанд ва Пажуҳишгоҳи тиббӣ бунёдӣ таъсис дода шудааст.

Дар донишгоҳ 5 факултет: тиббӣ, педиатрӣ, тиббӣ-профилактикӣ, стоматологӣ, фармасевтӣ ва 60 кафедра фаъолият мекунанд. Аз 60 кафедра, аз ҷумла 36 кафедраи клиникӣ, 16 кафедраи тиббӣ-назариявӣ ва 8 кафедраҳои умумитаълимӣ мебошад. Кафедраҳои клиникии донишгоҳ (36 кафедра) дар пойгоҳҳои 27 массисаҳои тиббии ҷумҳуриявию шаҳрии шаҳри Душанбе ҷойгир мебошанд.

МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» дар асоси Иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти тиббию фармасевтӣ ВТҲИА ВМИ № 0000087 аз 10.06.2019 аз рӯи 5 ихтисос: «Кори табобатӣ», «Педиатрия», «Ташкили ҳифзи саломатии ҷомеа», «Стоматология» ва «Фарматсия» мутахассис омода менамояд.

Дар соли 2022 дар донишгоҳ теъдоди донишҷӯён 12189 нафар, якҷоя бо 1208 нафар муҳассилини баъдидипломии илмӣ ва муолиҷавӣ теъдоди умумии таҳсилкунандагони донишгоҳ 13397 нафарро ташкил додааст.

Аз 12189 нафар донишҷӯ дар факултети тиббӣ 9593 нафар (78,7%), педиатрӣ 718 нафар (5,9%), стоматологӣ 1197 нафар (9,8%), фармасевтӣ 310 нафар (2,5%) ва тиббӣ-профлактикӣ 371 нафар (3%) донишҷӯён ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Дар донишгоҳ 1949 нафар муҳассилини хориҷӣ аз 24 давлати дунё таҳсил мекунанд, ки дар сатҳи тодипломӣ 1932 нафар донишҷӯёни хориҷӣ аз 22 давлати дунё ва дар сатҳи баъдидипломии илмӣ ва муолиҷавӣ 17 нафар муҳассилини хориҷиянд.

Дар донишгоҳ таҳсил бо се забон - давлатӣ, русӣ, англисӣ ба роҳ монда ва фазои таълимӣ бо забони русӣ нигоҳ дошта шудааст.

Дар соли 2022 ҳайати профессорону омӯзгорони асосии донишгоҳ 780 нафарро (бо ҳамкорон 998 нафар) ташкил додааст, ки аз онҳо 405 (51,8%) нафарашон занҳо мебошанд.

ОМОДАСОЗИИ КАДРҲО

Дар соли 2022 донишгоҳ 1874 нафар мутахассиси соҳаи тандурустӣ тайёр намудааст, ки аз онҳо 1518 нафар хатмкардагон шаҳрвандони мамлакат ва 356 нафари дигар хатмкардагони хориҷӣ аз 9 давлати ҷаҳон мебошанд.

Аз хатмкардагон факултети тиббиро 1512 нафар, факултети тиббӣ, дарачаи бакалаврро 337 нафар донишҷӯёни хориҷӣ аз Ҳиндустон, факултети педиатриро 99 нафар, факултети фармасевтиро 63 нафар, факултети стоматологиро 170 нафар ва факултети тиббӣ-профилактикиро 30 нафар хатм кардаанд.

Дар маҷмуъ, дар соли таҳсили 2021-2022 зинаи интернатураро 426 нафар ва ординатураи клиникиро 206 нафар хатм намудаанд, ки тибқи роҳхат ба муассисаҳои тиббии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ фиристода шудаанд.

ДАСТОВАРДҲОИ ОЛИМОНИ ДОНИШГОҲ

Дар соли 2022 аз ҷониби олимони донишгоҳ амалисозии 5 лоиҳаи илмии аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда, 15 лоиҳаи илмӣ-тадқиқотии дар соли 2022-2026 амалишаванда, 14 лоиҳаи илмӣ-тадқиқотии барои солҳои 2024-2028 пешниҳодшуда, 27 мавзуҳои илмии ташаббусӣ, ки кафедраҳо аз рӯи онҳо корҳои илмӣ-тадқиқотии худро ба роҳ мондаанд, сурат гирифтааст. Дар соли 2022 дар шӯроҳои диссертатсионӣ 51 рисолаи илмӣ ҳимоя шудааст, ки аз онҳо 4 рисолаи докторӣ, 44 рисолаи номзадӣ ва 3 рисолаи доктори PhD мебошад.

Дар соли 2022 аз тарафи олимони донишгоҳ дар маҷаллаҳои эътирофшудаи КОА ФР 110 ва КОА ҶТ 204 мақола ба нашр расида, инчунин, 21 адад монография, 63 адад пешниҳоди навоварӣ ва 21 адад ихтироот, ки 1 адади он Евроосиёгӣ аст, ба даст оварда шудааст.

Дар соли 2022-юм 1 нафар олими ҷавон ба Ҷоизаи давлатии ба номи И. Сомонӣ ва 2 нафар олимони донишгоҳ ба ҷоизаи АМИТ ба номи академик Е. Н. Павловский сазовор дониста шудаанд.

ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Аз ҷониби раёсати донишгоҳ бо зиёда аз 72 муассисаи илмию таълимӣ ва ташкилотҳои хориҷӣ ҳамкориҳои судманд ба роҳ монда шудааст.

Имрӯз донишгоҳ бо кишварҳои хориҷа, аз қабили Федератсияи Русия, Белорусия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Ҳиндустон, Малдова, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Туркия, Италия, Шоҳигарии Австрия, Олмон, Швейтсария, Канада, Британияи Кабир, Литва, Эстония, Франсия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Корея ҳамкориҳои зич дорад.

Дар соли 2022-юм 2 созишномаи дуҷониба тамдид ва 12 созишномаи дуҷониба ба имзо расонида шудааст.

ПОЙГОҲИ МОДДИЮ ТЕХНИКӢ

Дар соли 2022 баҳри беҳтар кардани шароити таҳсилот як қатор корҳои сохтмонӣ, таъмирӣ ва созандагию ободонӣ анҷом дода шудаанд.

Бо иқдоми созандаву бунёдкоронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 28-уми апрели соли 2017 барои бунёди бинои маъмурӣ ва таълимии 10-ошёна дар ҳудуди Маҷмааи нави таълимии шаҳраки Шифобахши донишгоҳ санги асос гузошта шуда, сохтмони бинои мазкур анҷом ёфт ва 1-уми сентябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар "Рӯзи дониш" ва "Дарси сулҳ" бо бардоштани парда аз рӯйи лавҳаи рамзӣ бинои нави марказӣ ва таълимии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Синоро мавриди истифода қарор доданд.

Дар маҷмуъ, дар соли 2022-юм дар донишгоҳ ҷойи нишаст 2762 адад зиёд карда шудааст.

Қобили зикр аст, ки ҳамаи кафедраҳо ва сохторҳои донишгоҳ бо компютер, тахтаҳои электронӣ, асбоби мултимедӣ, экранҳои интерактивӣ ва шабакаи интернетӣ таъмин буда, коргузории байни кафедра ва сохторҳо ба таври электронӣ ба роҳ монда шудааст.

Бино ба иттилои ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино Маҳмадшоҳ Гулзода, ба роҳбарият ва омӯзгорону кормандони донишгоҳ муяссар гардидааст, ки вазифаҳои дар соли 2022 гузошташударо ичро намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гарданд.

- Роҳбарияти донишгоҳ натиҷаи фаъолиятро дар соли 2022 ҳамаҷониба таҳлил намуда, баҳри боз ҳам баланд бардоштани сифати таҳсилот нақшаи чорабиниҳо тартиб дода шудааст,- мегӯяд ректор.

ДДТТ БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО
Ш. ДУШАНБЕ, КӮЧАИ СИНО 29-31

ТАМОС: +992 44 600 39 77;
235 34 96

E-MAIL: INFO@TAJMEDUN.TJ
WEB: WWW.TAJMEDUN.TJ

ПАНҶАКЕНТ: МАВЗЕИ БОСТОНӢ БО



Абдухолиқ Холиқзода, раиси шаҳри Панҷакент

Соли гузашта Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ ба шаҳри Панҷакент иброз дошта буданд, ки Панҷакент дар баробари яке аз мавзеъҳои бостонии кишварамон будан, бо имкониятҳои бузурги истеҳсолии худ яке аз шаҳрҳои бузурги саноатии мамлакат ба ҳисоб рафта, дар рушди иқтисоди миллӣ саҳми назаррас дорад. Аз ин гуфтаҳои Сарвари давлат масъулини шаҳри Панҷакент руҳбаланд гардида, дар соли 2022 чандин корҳои судмандро анҷом додаву ба дастовардҳои зиёд ноил шудаанд.























Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ

Дар “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Панҷакент барои солҳои 2021-2025”, ки бо қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Панҷакент аз 30-юми декабри соли 2020, №48 тасдиқ гардидааст, татбиқи 118 лоиҳаи афзалиятнок ба маблағи 1 миллиарду 866 миллиону 700 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла 23 лоиҳа ба маблағи 1 миллиарду 710 миллион сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 63 лоиҳа ба маблағи 85 миллиону 230 ҳазор сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 25 лоиҳа ба маблағи 51 миллиону 130 ҳазор сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 7 лоиҳа ба маблағи 20 миллиону 115 ҳазор сомонӣ ба бахши ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулода ва 2 лоиҳа ба маблағи 3,3 миллион сомонӣ ба бахши таъминоти захиравӣ пешбинӣ карда шудааст.

Бино ба иттилои раиси шаҳри Панҷакент Абдухолиқ Холиқзода, дар соли гузашта ҷиҳати иҷрои лоиҳаҳои пешбинишуда 793,3 миллиону 600 ҳазор сомонӣ харҷот шудааст, ки ин 42,5 фоизи иҷрои барномаро ташкил медиҳад. “Рафти иҷрои барномаи мазкур зери назорати Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент қарор дорад”,- меафзояд ӯ.

Иҷрои буҷети давлатӣ

Дар соли 2022 нақшаи даромади буҷети давлатӣ 105,4 фоиз таъмин гардида, ба ҷои 630 миллион сомонии тасдиқгардида ба буҷет 664 миллиону 104 ҳазору 579 сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба нақша 34 миллиону 104 ҳазору 579 сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли 2022 нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллӣ ба ҷои 201 миллиону 827 ҳазор сомонӣ 206 миллиону 278 ҳазору 152 сомонӣ таъмин карда шудааст, ки ин 102,2 фоизи нақша мебошад.

Нақшаи қисми харҷоти буҷети маҳаллӣ дар соли 2022 ба ҷои 220 миллиону 510 ҳазор 288 сомонии пешбинигардида 219 миллиону 476 ҳазору 280 сомонӣ харҷот карда шудааст, ки ин 99,5 фоизи нақша мебошад.

Талаботи нафақа ба ҳолати 1-уми январи соли 2023 ба миқдори 98 миллиону 613 ҳазору 246 сомонӣ муайян гардида, то ба ин давра мувофиқи реҷаи тасдиқшуда мунтазам маблағгузорӣ ва пардохт карда шудааст.

Мувофиқи ҳисоботҳо, дар ин давра дар шаҳр қарз аз пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи буҷетӣ вуҷуд надорад.

Рушди соҳибкорӣ

Баҳри мусоидат ба рушди соҳибкорӣ ва ҷалби бештари сармоягузорон дар асоси қарори раиси шаҳри Панҷакент Шӯро оид ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ташкил карда шуда, фаъолияти он тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст. Мувофиқи нақшаи чорабинҳо аз 14-уми октябри соли 2021 ҳар моҳ як маротиба воҳӯрии раиси шаҳри Панҷакент бо соҳибкорон баргузор гардида, муроҷиатҳои онҳо баррасӣ

ИМКОНИЯТҲОИ БУЗУРГИ ИСТЕҲСОЛӢ

ва монеаву мушкилоти рушди соҳибкорӣ бартараф карда мешаванд.

Дар шаҳри Панҷакент шумораи соҳибкорони инфиродӣ дар соли 2022 аз аввали бақайдгирӣ 8907 нафарро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 53 нафар зиёд мебошад. Баҳри фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ корҳои муайян анҷом дода шуда, дар ин давра ба иқтисодиёти шаҳр 12,8 миллион доллари ИМА сармояи хориҷӣ ва 360 миллиону 821,6 сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шудааст.

Рушди соҳаи саноат

То соли 2021 дар шаҳри Панҷакент 17 корхонаи саноатӣ фаъолият дошта, теъдоди онҳо дар соли 2022 ба 25 адад расонида шудаву ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ якҷо бо хизматрасонии пулакӣ 4 миллиарду 607 миллиону 428,4 сомониро ташкил додааст.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз тарафи ҶДММ КМ “Зарафшон” дар давраи ҳисоботӣ 4 млрд 329 млн 775 ҳазор сомониро ташкил намудааст. Дар ин давра аз 46 намуди муҳимтарин маҳсулоти саноатӣ истеҳсоли 24 номгӯй ва ё 52,2 фоиз афзудааст. Дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум истеҳсоли ангиштсанг 3,6, регу сангмайдаи сохтмонӣ - 1,7, консерва - 1,7, орд беш аз 40 баробар афзудааст. Истеҳсоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ 1,7 баробар ва шароб 4,7 фоиз зиёд шудааст.

Айни замон дар шаҳри Панҷакент 1 корхонаи коркарди маъданҳои куҳӣ, 1 адад металгудозӣ, 2 адад коркарди қуму шағал, 6 адад корхонаи истеҳсоли хиштҳои бинокорӣ ва сементӣ, 3 коргоҳи қаннодӣ, 2 коргоҳи маҳсулотӣ ширӣ, 1 адад маҳсулоти нонӣ, 2 адад истихроҷи ангишт, 1 адад нӯшокиҳои спиртӣ, 1 адад сангҳои ороишӣ, 1 матбаа, 2 коргоҳи хизматрасонӣ, 1 коргоҳи коркарди гаҷ, 1 коргоҳи мизу курсӣ, чандин коргоҳҳои дӯзандагӣ, аз ҷумла коргоҳҳои “Маҳсул” ва “Маърифатпарвар”, ки ба дӯхтани сарулибоси мактабӣ машғуланд, фаъолият мекунанд.

Соҳаи кишоварзӣ

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории шаҳр 1,483 миллиард сомониро (соли 2021-ум 1,399 миллион сомонӣ) ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 84,0 миллион сомонӣ зиёд буда, ё 106 фоизро ташкил медиҳад. Тибқи ҳисобҳо дар ин давра 36,1 фоизи маҳсулоти кишоварзӣ ба заминҳои наздиҳавлигии аҳолӣ, 32 фоиз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 31,2 фоиз ба хоҷагиҳои ҷамъиятӣ рост меояд.

Соли 2022, тибқи маълумотҳои оморӣ, дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони 28733,7 гектар, аз ҷумла ғалла, лӯбиёгиҳо, зироати техникӣ, картошка, сабзавот, полезиҳо, зироати хӯроки чорво ва ғайра кишт карда шудааст, ки ин аз соли 2021-ум бештар аст. Соли 2022 истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ, аз ҷумла ғалладона ба 49788,5, аз он шолӣ ба 14696,5, картошка 73411,3, сабзавот 102151, полезиҳо 2328,9 тонна, мева 5638,2 ва ангур ба 5150,6 тонна расонида шудааст.

Баробари ин, соли 2022-юм 10,8 тонна пилла (соли 2021-ум 8 тонна) истеҳсол шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 35 дарсад зиёд мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории шаҳр 3 ҳазору 864 оилаи занбӯри асал мавҷуд буда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 174 оилаи занбӯри асал зиёд мебошад. Истеҳсоли асал дар давраи ҳисоботӣ ба 45,4 тонна расидааст, ки нисбати соли 2021-ум 200 кг зиёд мебошад.

Дар ҳудуди шаҳру деҳоти Панҷакент дар масоҳати 155,2 гектар ҳавзҳои моҳипарварӣ бунёд шуда, дар онҳо беш аз 59,3 миллион сар моҳӣ парвариш карда мешавад. Дар соли 2022 дар шаҳр 46,6 тонна моҳӣ фурӯхта шудааст.

Ба ҳолати 1-уми январи соли 2023 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 87803 сар чорвои калон ва 207,3 ҳазор сар моли майда парвариш карда мешавад.

Сохтмон ва меъморӣ

Ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент бунёди 1000 адад иншоот пешбинӣ шудааст, ки дар давоми соли 2022-юм 199 иншооти таъиноти гуногун мавриди истифода қарор дода шуда, барои бунёди онҳо 165,7 миллион сомонӣ маблағ харҷот шудааст.

Соли 2022 дар самти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмон фаъолияти муназзам ба роҳ монда, ҷиҳати таҳкими корҳои ободониву созандагӣ бо маблағгузории буҷети ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва шаҳрӣ, инчунин бо ҷалби сармояи соҳибкорон корҳои зиёде ба ҷо оварда шуда, ба маблағи 360821,6 ҳазор сомонӣ сармояи асосӣ, ки нисбат ба соли 2021-ум 1,7 баробар бештар аст ва ба маблағи 121153,8 ҳазор сомонӣ фондҳои асосӣ ба кор андохта шудаанд.

Айни ҳол корҳо дар сохтмони 15 бинои истиқоматии бисёрошёна, бо марказҳои савдо ва хизматрасонӣ дар хуҳуди шаҳр, беморхонаи минтақавии деҳаи Ғӯсари ҷамоати деҳоти Лоиқ Шералӣ, мактаб барои 240 хонанда дар деҳаи Боғчаи ҷамоати деҳоти Шинг, аввалин корхонаи металлургӣ барои коркарди мис дар шаҳраки Суғдиён бомаром идома доранд.

PRESSA.TJ

Баҳри мусоидат ба рушди соҳибкорӣ ва ҷалби бештари сармоягузорон дар асоси қарори раиси шаҳри Панҷакент Шӯро оид ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ташкил карда шуда, фаъолияти он тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст. Мувофиқи нақшаи чорабинҳо аз 14-уми октябри соли 2021 ҳар моҳ як маротиба вохӯрии раиси шаҳри Панҷакент бо соҳибкорон баргузор гардида, муроҷиатҳои онҳо баррасӣ ва монеаву мушкилоти рушди соҳибкорӣ бартараф карда мешаванд.

Рушди соҳаи маориф

Соли таҳсили 2022-2023 дар шаҳри Панҷакент 155 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 12 муассисаи таҳсилоти асосӣ, 124 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 1 гимназия, 2 литсей, 1 мактаби хусусӣ ва 19 муассисаи таҳсилоти томактабӣ фаъолият дошта, дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ 68 ҳазору 765 нафар, аз ҷумла 33 ҳазору 638 нафар духтар ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Шумораи хонандагон нисбат ба соли таҳсили 2021-2022-юм 1088 нафар зиёд мебошад.

Дар соли 2022, мувофиқи маълумоти оморӣ, дар шаҳри Панҷакент 19 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, аз ҷумла 12 муассисаи таҳсилоти томактабии тобеи шуъбаи маорифи шаҳр, 2 муассисаи таҳсилоти томактабии тобеи ташкилоту корхонаҳо ва 5 муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ фаъолият намуда, 3 ҳазору 489 нафар кӯдакро ба тарбия фаро гирифтаанд.

Дар шаҳр 1 муассисаи таҳсилоти олӣ ва 3 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолият дошта, аз рӯи беш аз 30 намуди ихтисос мутахассис тайёр мекунанд. Дар ин муассисаҳо 398 нафар устодон ба кори таълиму тадрис машғул ҳастанд, ки 18 нафари онон профессору доктори илм ва 16 нафар номзадҳои илм мебошанд.

Ҳоло муассисаҳои таълимии шаҳр дорои 1860 компютер, 345 принтер, 69 тахтаи электронӣ, 90 проектор ва 905 камераҳои назоратӣ мебошанд.

Соҳаи тандурустӣ

Дар шаҳри Панҷакент ҳамагӣ 162 муассисаи тиббӣ, аз ҷумла 22 муассисаи сохтори госпиталӣ, 26 муассисаи хусусии тиббӣ, 106 муассисаи сохтори КАТС (кумаки аввалияи тиббӣ-санитарӣ), 8 муассисаи махсусгардонидашуда фаъолият мекунанд.

Ба 314 ҳазору 400 нафар аҳолии шаҳру деҳоти Панҷакент ва бархе аз манотиқи навоҳии ҳамсоя 22 муассисаи госпиталӣ, аз ҷумла беморхонаи марказии шаҳр, 41 марказҳои саломатӣ, аз ҷумла маркази саломатии шаҳрӣ, 65 хонаи саломатӣ, 17 марказҳои махсусгардонидашуда хизмати тиббӣ, 3 шифохонаи хусусӣ бо зиёда аз 1785 нафар кормандони тиб хизмат мерасонанд.

Дар шаҳри Панҷакент 4 муассисаи тиббии хусусӣ бо 60 кат барои мизоҷон фаъолият мекунанд.

Ба аҳолии шаҳру деҳоти Панҷакент 344 нафар табиб, 1441 нафар кормандони миёнаи тиб, 58 нафар табибони оилавӣ, ҳамагӣ 1785 нафар хизмати тиббӣ расонида истодаанд.

Вазъи соҳаи фарҳанг

Дар шаҳри Панҷакент 30 китобхона, 4 муассисаи клубӣ, 1 Кохи Фарҳанг, (1 муассисаи давлатии маҷмаи эҷодӣ-фарҳангии ба номи устод Л. Шералӣ), 1 осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ, 2 боғи фарҳангию фароғатӣ, 1 мактаби бачагонаи санъат, 4 ансамбл, 1 радио ва 2 телевизиони маҳаллӣ фаъолият доранд.

Ҳоло масъалаи ба феҳристи ёдгориҳои умумибашарии Созмони ЮНЕСКО ворид намудани ёдгориҳои таърихии Панҷакенти Қадим, мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро, Тухсанкорез, Санҷаршоҳ, Тали Хамтуда мавриди баррасӣ қарор дорад. Ҳамчунин, татбиқи лоиҳаи тармим ва нигоҳдории ёдгории Панҷакенти қадим, ки аз ҷониби ниҳоди марбутаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико маблағгузорӣ мешавад, барои ҳифзи он мусоидат хоҳад кард.

Ҷавонон ва варзиш

Шумораи умумии ҷавонон дар шаҳри Панҷакент 107 ҳазору 400 нафарро ташкил медиҳад.

Ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент бунёд ва таъмиру тармими иншооти варзишӣ пешбинӣ гардидааст, ки барои рушди соҳаи варзиш ва таъмини солимии ҷомеа заминаи мусоид фароҳам меорад.

Айни ҳол дар миқёси шаҳр 1 ҳавзи шиноварӣ, 28 майдончаи варзишӣ, 1 маҷмааи варзишӣ, 37 толори варзишӣ ва 132 иншооти дигари варзишӣ фаъолият доранд.

Рушди соҳаи сайёҳӣ

Ҳоло дар шаҳри Панҷакент 23 ширкати сайёҳӣ ва як ташкилоти ҷамъиятии “Шӯрои Зарафшон оид ба рушди сайёҳӣ” фаъолият мекунанд. Ҳамзамон, дар шаҳр 4 маркази иттилоотии сайёҳӣ, 9 меҳмонхона, 2 пойгоҳи сайёҳӣ ва 22 хонаи қабули меҳмонон бо ғунҷоиши зиёда аз 750 ҷой, 4 осорхона ва 330 ёдгориҳои таърихӣ фаъолият доранд.

Дар давраи ҳисоботӣ 1 меҳмонхонаи замонавӣ сохта ба истифода дода шуда, сохтмони 1 меҳмонхона идома дорад.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи умумии сайёҳони ба шаҳри Панҷакент ташрифоварда 13109 нафарро ташкил дода, аз ин шумора 7889 нафар сайёҳони дохилӣ ва 5220 нафар сайёҳони хориҷӣ буда, аз инҳо 700 нафар сайёҳони экологӣ, 7162 нафар таърихию фарҳангӣ мебошанд.

Ба гуфтаи раиси шаҳри Панҷакент Абдухолиқ Холиқзода, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тадбирҳои судманд андешида, барои бо дастовардҳои назаррас истиқбол гирифтани 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои ободониву созандагиро вусъат мебахшад.

Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО

Аксҳо аз Рустамбек Аҳмадзода ва дафтари матбуоти раиси шаҳри Панҷакент

УҚОБИ ТОҶИК

Набард ва ғалабаи аввалин варзишгари тоҷик дар UFC

Варзишгари 22-солаи тоҷик Нурулло Алиев нахустин набарди худро дар мусобиқоти UFC - муътабартарин лигаи ҷаҳонии варзиши муҳорибаҳои омехта дар вазни сабук бо ғалаба ҷамъбаст намуд. Ӯ Рафаел Алвеси бразилиягиро мағлуб кард.



“Уқоби тоҷик” дар UFC

Набарди Нурулло Алиев ва Рафаел Алвес шаби 26-уми феврал дар мусобиқоти "UFC Vegas 70" дар шаҳри Лас-Вегаси иёлати Невадаи Амрико баргузор гардид.

Нурулло аз ҳарифи худ ҳам дар услуби кор ва ҳам дар маҳорат бартарият дошт. Дар раунди аввал Алвес ба ҳакамон шикоят кард, ки Алиев ангушташро газидааст. Нурулло муҷозот ва як имтиёз аз ӯ кам карда шуд. Размикори тоҷик муборизаро давом дод ва бо тасмими доварон ғалаба ба ӯ дода шуд. Пас аз набард дар нишасти хабарӣ Нурулло гуфт, ки “ман ангушти ӯро нагазидам. Ӯ ангушташро ба даҳони ман бурд ва ман хостам онро аз даҳонам берун кунам. Дар ҳамин вақт ангушти ӯ ба дандонҳои ман расид. Ӯ хаста шуд ва барои ҳамин ин корро кард. Идораи “Уқоби куҳӣ”-ро ҳис кард”.

Ин набарди 32-юми Алвес буд. Ӯ дар 20 набард ғалаба карда ва 12-тои онро бо мағлубият ҷамъбаст намудааст.

Нурулло Алиев моҳи сентябри соли гузашта дар Лас-Вегас дар муҳорибаҳои омехта, дар доираи мусобиқаи интихобии Dana White's Contender Series барои бастани шартнома бо UFC (Ultimate Fighting Championship - “Қаҳрамонии мутлақ оид ба якҳарба”) ба рақиби амрикоиаш Ҷош Уик бо нокаути фаннӣ дар лаҳзаҳои охирини раунди аввал ғолиб шуд ва роҳи ӯ ба UFC боз гардид.

Дуои падар ва “рӯза”-дории модар

Нурулло Алиев дар нишасти хабарии пас аз набард гуфт, ки “падарам пеш аз сафар бо ғалаба омаданамро орзу намуд ва гуфт “агар ғалаба кунӣ, туро хонадор мекунам”. Ман занг зада мегӯям, ки дар ваъдаи худ истед ва ман барои хонадоршавӣ меравам”.

“Дар даврае, ки ман барои муътадил нигоҳ доштани вазни худ дар парҳез қарор доштам, модари ман 10 рӯз пеш аз муҳориба чизе нахӯрдааст. Ҳар дафъае, ки занг мезанам, мегӯяд “ту гурусна ҳастӣ, аз гулӯи ман чизе намегузарад”. Ду рӯз пеш модарам зодрӯз дошт ва ғалабаамро ба модарам мебахшам”,- гуфт Нурулло.

Ин набарди таърихӣ буд, зеро Нурулло аввалин тоҷике мебошад, ки Тоҷикистонро дар UFC намояндагӣ мекунад. Барои мухлисӣ ба ӯ чандин ҳазор нафар аз ҳамватанонамон дар варзишгоҳи марказии Душанбе ҷамъ омаданд ва бо шиорҳои “Нурулло, ба пеш!”, “Мо бо туем!” ва ғайра садо баланд карданд. Ин маъракаро мухлисони ашаддии варзиши тоҷик аз гурӯҳи “Арабшо” гарм мекарданд.

Қаҳрамони бешикаст

Нурулло Алиев то ин дам 9 набард анҷом додааст ва дар ҳамаи онҳо ғолиб омада, дутояшро бо нокаут анҷом додааст. Ӯ барои чаҳор рақобат бо созмони UFC шартнома бастааст ва ваъда дод, ки “ман пас аз ду сол қаҳрамони UFC дар вазни сабук мешавам”.

Дар мавриди он, ки Нурулло ҳарифи навбатияшро интихоб кардааст ё не, чунин гуфт: “Ман касеро интихоб накардаам. Ҳоло истироҳат кардан мехоҳам. Пас аз моҳи рамазон UFC ҳар касеро интихоб мекунад, ман омодаам”.

Нурулло Алиев кист?

Нурулло Алиев 8-уми декабри соли 2000-ум дар шаҳри Душанбе ба дунё омадааст. Таҳаллусаш “Уқоби тоҷик” аст. Ӯ 178 см баландӣ ва 70 кг вазн дорад. Аз соли 2018 дар муҳорибаҳои размии омехта ширкат меварзад. Вай дар се қувваозмоии охирин дар вазни нимамиёна ҳунарнамой мекард. Вале пеш аз рақобат дар силсилаи довталабони Dana White's Contender Series дар вазнкашӣ ба вазни сабук шомил шуд. Юсупов Восеъ, Олимов Абдурозиқ, Баёнов Рачабалӣ мураббиёне ҳастанд, ки Нурулло аз онҳо тамрин гирифтааст.

Қаҳрамони мо дорандаи Дараҷаи маҳорати устоди варзиш оид ба гӯштини тарзи озоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, устоди дараҷаи байналмилалӣ оид ба панкратион, устоди варзиши Осиё оид ба гӯштини тарзи озод аст.

Ӯ ба олами варзиш бо роҳнамоии бародараш ворид шудааст. Дар 12-солагӣ ҳамроҳи бародарон тахти роҳбарии мураббӣ Олимов Абдурозиқ ба варзиши тарзи озод дохил шуд. Тӯли 6 сол бо гӯштини озод машғул шуда, борҳо ғолиби мусобиқаҳои шаҳрӣ, чемпиони ҷумҳурӣ ва ҳатто ҷоизадори Осиё шудааст. Дар гӯштини тарзи озод унвони Устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистонро гирифтааст.

Боре Нурулло барои дастгирии як дӯсташ дар мусобиқаи панкратион омад. Ба даста он вақт иштирокчии вазнаш 77-киллограммӣ намерасид. Алиевро, ки дар толор ба сифати тамошобин менишаст, барои иштирок ба мусобиқа таклиф карданд. Нурулло Алиев пас аз шикаст додани ду нафар қаҳрамони Тоҷикистон шуд. Раиси Федератсияи панкратиони Тоҷикистон Восеъ Юсупов тавонмандии ин ҷавонро қайд карда, ӯро барои қувваи санҷӣ дар чемпионати Осиё даъват кардааст. Нурулло баъди машқҳои зиёд ба натиҷаҳои олӣ сарафроз гардидааст. Ӯ қаҳрамони ҷаҳони панкратион дар Белорус (2018) мебошад.

Чеҳраи варзишии сол

Нурулло Алиев дар озмуни онлайнии “Рейтинги сол - 2022”, ки сомонаи Pressa.tj моҳи декабри соли гузашта доир намуда буд, дар миёни 10 чеҳраи варзишии сол аз ҳама овози бештар гирифт ва чеҳраи варзишии сол интихоб шуд.

Мо интизори он ҳастем, ки Нурулло Алиев пас аз ду сол ба Тоҷикистон камарбанди қаҳрамонии UFC-ро меорад.

Идибеки САИД,
“Тоҷикистон”

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Ҳафтаи нав барояти хело бобарор аст. Дар масъалаи дӯстон эҳтиёт бошед, зеро шахсеро, ки дӯст мешумореду аз ӯ ягон сир пинҳон намекунед ва ҷонатонро барояш дареғ намедоред, сирру асрорашро аз шумо пинҳон намуда, аз пасатон ғайбат мекунад.



Савр
21.04 - 21.05

Ҳафтаи нав як қатор навгониҳоро барфои саврҳои тоҷир меорад. Тиҷорататон бо ёрии як шарики корияатон ривоҷ меёбаду маблағи дар даст доштаатон дахчанд мешавад. Саврҳои оиладоре, ки дар сар фикри хиёнатро доранд, сиррашон фош мегардад.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Аввали ҳафта хастагиятонро ҳис карда, майли истироҳат мекунед. Фикри олиҷаноб, лекин ҳоло вақти истироҳат нест. Ҳар лаҳзаро ғанимат дониста, корҳои нотамоматонро ба сомон расонеду лоиҳаҳоятонро ба роҳбаратон пешниҳод намоед.



Саратон
22.06 - 23.07

Ин ҳафта баротон душвор меояд, фаҳмидани сирру асрори дӯсти наздикатон, ки солҳои тӯлонӣ ниҳон буд, хело душвориҳоро пеш меорад. Бояд худро ба даст гирифта, ин сирро пахш накунед. Даромади начандон калон шуморо охири ҳафта дар назар аст.



Асад
23.07 - 22.08

Ин ҳафта бо тамоми қувва ба пеш ҳаракат кунеду ба чӣ қодир будаатонро ба атрофиён нишон дихед. Аз он ки вазъи молиявиятон бад мешавад, бо фикри зиёд майнаи хешро гиҷ насозед. Нафаронӣ муҷаррадро таклифҳои ногаҳонӣ дар назар аст.



Сумбула
23.08 - 22.09

Агар дар коргоҳ ба шумо бовар карда, тамоми маблағу хуҷҷатҳоро бовар карда бошанд, аз боварии роҳбарият сӯйистифода накунед, вагарна қашшоқӣ шуморо дар назар аст. Нафаронӣ муҷаррадро вохӯрии ногаҳонӣ дар назар аст.



Мизон
25.09 - 22.10

Ҳафтаи меомада танҳо ба саломатии хеш аҳамият дихед, вагарна бемориатон куҳна шуда, мавсимӣ хоҳад шуд. Аз тавсияҳои духтурон истифода карда, аз худтабобаткунӣ худро дар канор бигиред. Ба дӯстдоштаатон ангуштарини бахт ҳадя намоед.



Ақраб
23.10 - 22.11

Аввали ҳафта каме истироҳат намуда, қувваҳои барбодраф таро барқарор кунед. Инчунин оғоз намудани тиҷорати нав дар назар аст. Аввал бояд каме дар бораи тамоми намуди тиҷорат маълумот ҷамъ намуда, баъд оғоз намоед, то хато накунеду пулатон ба боди фано чош нахӯрад.



Қавс
25.11 - 21.12

Аввали ҳафта бобарор меояд. Вале гум кардани ашёи қимматбаҳоятон тамоми фикратонро банд намуда, шуморо хело ҷигархун месозад. Чоршанбе маблағи калоне ба даст меореду тамоми мушкилиҳоятон фаромӯш хоҳанд шуд. Дар ҷодаи ишқу ошиқӣ шуморо навгониҳо дар назар аст.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Ҳафтаи нав ҷаддиҳоро дигаргуниҳои куллӣ дар назар аст. Гирифтани вазифаи нав рашку ҳасади душманонро бедор мекунад. Ҳамеша хоксору заминӣ бошед, хоксорӣ заковатмандии шуморо нишон хоҳад дод. Аз дӯстдоштаатон сахт меранҷед.



Далв
21.01 - 19.02

Далвҳои коргарро душворихо парешонҳол намуда, дилашонро каме сард мекунанд. Ҳамеша бояд паҳлуҳои хуби корро фикр намуда, худро ба даст бигиред. Чоршанбе дӯстатон барои ҳалли мушкилоташ аз шумо маблағ қарз гирифтанӣ меояд.



Ҳут
20.02 - 20.03

Ин ҳафта хутҳо серкор шуда, истироҳатро тамоман фаромӯш мекунанд. Чунин коратон хуб нест, чунки истироҳат накардан боиси сар задани беморӣ хоҳад шуд. Хоб бехтарин давост. Вохӯрӣ рӯзи ҷумъа боиси хушнудӣ ва сарафрозии шумо хоҳад шуд.

ДОСТОНИ РАЗМОВАРОН

Эҳдо ба 30-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон



Ато Мирхоҷа

Расидани сарҳанг

Сарҳанги кали миёнасоли фарбеҳ,
Бо орази аз шукӯҳу савлат саршор,
Тозанафасу зиндадилу пурҳаракат,
Худро бигирифт байни ин гуфтугузор.
Сарҳангёр қад тарангид, вале
«Озод!» бигуфту ин сухан кард нисор:
«Ман, — гуфт, — навак баромадам аз маҷлис,
Дар марзи шимол гашта душман шабкор.
Бояд бошад хобамон чун заргӯш,
Бояд бошад ҳиссамон чун кафтор.
Мавзуи ҳама дарси сиёсӣ ин аст:
Нерую тавони артиши он ағёр.
Омода кунед ҷисми сарбозонро
Бо машқу давидан ба ҳама гирудор.
Артиш накашад нафас даме осуда,
То мекашадо нафас адӯи маккор!
Давлат зи чӣ се ситора додаст маро,
Ҳар як дорад зи Моҳу Парвин осор?
Сарҳангам ман, мазҳари фарҳангам ман,
Яъне, ки манам рӯҳи шуморо меъмор!

Расидани гундсолор

Ин лаҳза ҷаноби гундсолор омад,
Бо чеҳраи хушбахту ду чашмони хумор.
«Сарҳанг туӣ, тамоми фарҳанг туӣ?!
— Ин гуфту бизад қаҳқаҳа чун бодагусор. —
Фарҳанг бувад ҳамин такудав шабу рӯз
Чун оҳуи захмхӯрдаи гашта шикор?
Гар сайри шикору базми шабҳо набувад,
Дар артиши ту шавад ҳама мардум хор.
Чун ман, оре, калону афсар гардад,
Ҳар кас падараш вазир ҳасту дамдор.
Нохӯрда қумочу шавлаи сарбозӣ,
Сарвон шаваду гурду фалону бистор.
Оё боре гоми низомӣ задаам?
Ё дида маро будед дар ғору мағор?
Дунё ин аст: ман кашам соғару май,
Як баччаи дигар бикашад ҷангафзор.
Бар ҷабҳа фиристодани сарбозонро
Биспурда ба ман сипаҳбадам бо исрор.
Фарзин манаму дона дар атрофам пур,
Ҳар дона муҳофизи мани дунёдор!».

Расидани лашкарсолор

Лашкарсолори хушлибоси хушқад,
Орому зи худ розию бишкуфтаузор,
Бо омаданаш ҳаво муаттар гардид,
Гӯӣ бадар омад зи дукони аттор.
Қомат бинамуд гундсолор таранг,
Аз баҳри сухан калла бароварда чу мор.
Лашкарсолор лек дасташ бигирифт,
Бо нармию илтифот гуфт: «Эй афшор,
Ман назди ту боядо низомӣ истам,
Бояд накунам канда зи рӯят абсор.
Инсони табаррукӣ ту дар артиши мо,
Бо гул надиҳад касат дар ин ҷо озор.
Ҳар гаҳ зи шикор дастпур меоӣ,
Пирӯз шудем гӯиё бар ашрор!
Харгӯши шикори ту ба мо оҳу аст,
Калпесаи сайди ту ба мо чун сусмор.
Мо хору хасему ту гули раъноӣ,
Мо шиғу сафилему ту ҳастӣ гулзор».
Пас рӯй ба афсарон намуду фармуд:
«Бо «Урра!» ба корашон бихоҳед барор!».

Расидани сипаҳсолор

Тобид чу маҳ рӯи сипаҳсолоре,
Дар пешу пасаш чаҳор афсар ҷондор.
Ҳуззор чу диданд, варо шах гаштанд,
Лашкарсолор пеши ӯ кард қарор.
Пас арз бикард вазъу ҳоли ҷорӣ,
Рӯ турш вале намуд лашкарсолор.
Гуфто, ки: «Ман имрӯз таҷассус кардам,
Ҳарҷо-ҳарҷо сипоҳро бе ихтор.
Омодагии ҳарбӣ — дарсе мушкил,
Кам ҳаст барои он вале донишёр.
Омӯзиши дастур бувад шавқовар,
Аммо накунанд аскаронаш такрор.
Дарси дигар омодагии ҷисмонист,
Дастурдеҳаш лек ду ҳафта бемор.
З-омодагии токтикӣ гар гӯям,
Дарсаш бошад фақат тамошои навор.
Аз дарси таҷассусу зи тирандозӣ
Хуш табъ маро шуду дилам ёфт мадор.
Инак ба сари шумо расидам, то худ
Бо ҳам бинамоем табодул афкор».

Расидани артишсолор

Бо бист муҳофизи ба ҳар сӯ нигарон,
Бо дамадамаҳо расид артишсолор.
Саф гашт карахту аз сипаҳсолораш
Фармони «Низом!» хост чун раъди баҳор.
Баъд аз ҳама расми аҳсани истиқбол,
Артишсолор бо садои солор
Гуфто, ки: «Ватанпараст бояд будан,
Зирак ҳама бошеду далеру ҳушёр.
Марде, ки силаҳ ба дасти худ мегирад,
Беҳ нест аз ӯ баҳри Ватан хидматгор.
Осон гардад ба вақти ҳар ҷанги шадид
Чизе, ки ба вақти машқ бошад душвор.
Имрӯз муҳофизони барҳаққи Ватан
Ҷамъ омадаем бар Ватан шукргузор.
Бовар дорам, касе зи мо дар сахтӣ
Ҳаргиз нанамояд зи хати ҷабҳа фирор.
Лозим ояд ба мисли аҷдоди хеш
Дар ҳифзи Ватан ҷон бинамоем нисор.
Имрӯз шикастаст адӯ марзи Ватан,
Бояд ҳама созем варо торумор!

Расидани сарбоз

Ин дам силаҳаш ба дасту тан пур аз захм,
Лангону дарида куртаву рӯ хуншор,
Лабхандаи сард бар даҳан, сарбозе
Аз ҷабҳа расид бо дили хору фигор.
Мобайни саф омаду ба овози ҳазин
Ин гуфт ба афсарону артишсолор:
«Душман ба ҳудуди мо шабехун зада буд,
То субҳ давом кард ҷангу куштор.
Мо ҳамлаи сахти зобитон гардондем,
Ҳарчанд шаҳид шуд ҷавони бисёр.
Чун гашт алоқа қатъ, таҳмоварамон
Ин ҷо бифиристод, ки ман ин ахбор
Бар гӯши шумо расонам, эй аҳли ситод,
Ёрӣ! Ёрӣ ба лашкари мо даркор!!!»
Ин лаҳза касе бонг бароварда, ки «Ҳон!
Аз баҳри салом даст бар чакка гузор!»
Артишсолор лек ин дам нохост
Бардошт ба чакка дасту бо лаҳни гувор
Фарёд кашид: «Зинда бодо Сарбоз!
Таъзим ба қаҳрамонфарзанди диёр!».

Хотима

Зону заду таъзим ба сарбоз намуд
Артишсолори як сипоҳи ҷаррор.
Фармондеҳон, ки манманӣ ононро
Дар нуқтаи доғи баҳс овард дучор,
Бе ҳеч ҳазар заданд зону дар саф,
Гаштанд ба такриму санояш водор.
Сарбоз биёзонд қаду бо овоз
Ин гуна сухан кард ба артишсолор:
«Фармондеҳо, кунун иҷозат фармой
Аз нав биравам ҷанги адӯи мурдор».
Бархост тамоми саф ба пою бегап
Дар паҳлуи ӯ ситод ҳамчун девор.

Мавлудномаҳо

• 2 МАРТ •

Саида Замонова (1958), 65-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Юсуф Исломов (1928-1998), 95-солагии зодрӯзи муаррих.

Акбар Мирраҷабов (1958), 65-солагии зодрӯзи сарояндаи опера, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Рустам Одинаев (1953), 70-солагии зодрӯзи коргардон ва рассоми кино.

• 3 МАРТ •

Инъомҷон Асроров (1938-2009), 85-солагиизодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Ҳуриниссо Ғаффорзода (Муътабари Раштӣ, 1958), 65-солагии зодрӯзи шоира.

Муҳибуллои Қурбон (1948), 75-солагии зодрӯзи нависанда.

Шафӣ Мелиев (1928), 95-солагии зодрӯзи ангишткан, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Қаҳҳори Расулиён (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

Шералӣ Ҳукуматов (1953-2005), 70-солагии зодрӯзи журналист, мутарҷим.

• 4 МАРТ •

Надежда Базарова (1923-2006),100-солагии зодрӯзи устоди рақс, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Охунбобо Раҳимов (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Тоҷимат Сатторов (1948-2013), 75-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

Солеҳ Юсуф (1958), 65-солагии зодрӯзи журналист.

• 5 МАРТ •

Шавкат Азимов (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Шарифҷон Исмоилов (1928-1992), 95-солагии зодрӯзи муаррих.

Аброр Мирсаидов (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор.

Аширмат Назаров (1913-1965), 110-солагии зодрӯзи шоири ӯзбекзабони Тоҷикистон.

Василий Триппел (1923-2007), 100-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, профессор.

Магомет Исаев (1928-2011), 95-солагии зодрӯзи эроншиноси осетин, доктори илми филологӣ, профессор, муҳаққиқи забонҳои эронӣ.

• 6 МАРТ •

Одина Мирак (1938-2014), 85-солагии зодрӯзи шоир, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Ҳикмат Неъмат (1953), 70-солагии зодрӯзи нависанда.

Раҳмат Саидов (1913-1997), 110-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

Расул Ҳодизода (1928-2011), 95-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

• 7 МАРТ •

Сарвар Бурҳонова (1913-1991), 110-солагии зодрӯзи Китобдори шоистаи Тоҷикистон.

Ҷӯра Латифов (1938), 85-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Отаҷон Усмонов (1943), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

• 8 МАРТ •

Нусратулло Дорғабеков (1928-2009),95-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Сироҷиддин Қосимов (1948), 75-солагии зодрӯзи адиб.

Зумрад Қосимова (1918-2003), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Муборак Мамадҷонова (1923-2009), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи география.

Малик Сатторов (1938), 85-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Иноят Умарова (1913-1978), 100-солагии зодрӯзи сароянда, актрисаи театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Мавлуда Файзуллоева (1943), 80-солагии зодрӯзи забоншинос.

Ҷавлон Холиқов (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида,
ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Билети донишҷӯй, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон 22.08 соли 2020 ба Одинаев Муҳаммадшаҳбоз Маҳмадшафеъович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дипломи N0926154, рақами қайд №4826, ки онро ПТУ №33 соли таҳсили 1990-1993 ба Рудакова Вероника Анатольевна додааст, бинобар гум шудан беэътбор дониста шавад.

► Билети донишҷӯй, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон 20.09 соли 2019 ба Зикриёзода Хусравбек Раҷаб додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҷ. Расулов 47/3, ҳуҷраи 54 ба номи Саидаҳмадзода Д. бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-ШТУ №0349398, ки онро муассисаи таълимии "Литсей-интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон" соли 2010 ба Тошматов Фарход Ғайратович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, бинои 285/1, ҳуҷраи 4 ба номи Норов Абдураҳим Искандарович, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Аппарати касса, РМА: 047385194, ки онро Кумитаи андози ҶТ соли 2022 ба номи соҳибкори инфиродӣ Убайдуллоев Иброҳим Ашрафович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-ШТУ №0108154, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ соли таҳсили 2006-2007 ба Аҳмадова Мавзуна Бекмуродовна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯй, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2018 ба Амирҳамза Зайниддинзода додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-АТА №1385311, ки онро муассисаи таҳилоти миёнаи умумии №50-и ноҳияи Сино соли 2022 ба Исоев Абубакр Маҳмадалиевич додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо варақаи бақайдгирии №8684 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 72/1, ҳуҷраи 9 ба номи Давлятов Гулмухамад Шермухамадович, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Сарикиштӣ, деҳаи Нишони Ленин ба номи Музафаров Беҳруз Баҳридинович, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Р. Набиев 265 ба номи Обидов Шерали Мирзоевич, бинобар гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ бо реестри №8Д-6616, ки онро Сарнотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фрунзе 18-уми ноябри соли 2002 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Р. Набиев 265 ба Обидов Шерали Мирзоевич додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А03677309, ки онро ШВКД-и ноҳияи Фирдавсӣ ба Лоиқов Ҳадятулло Абдухолиқович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрести 134, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Лахш 22.08 соли 2019 ба Эгамкулова Лайлихан Насировна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрести 9Д-335, ки онро Идораи якуми нотариалии шаҳри Душанбе 20.03 соли 1990 ва Дубликати шартномаи зикршуда таҳти феҳрести 29Б-193, ки онро Бойгонии назди Саридораи нотариалии давлатии ҶТ 07.07 соли 2014 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ғалаба, хонаи 6 ба Набиев Орифҷон Абдуалиевич додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, литери 6-1/хп, таҳти феҳрести 1Ш-2098, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 24.10 соли 2017 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чимтеппа, деҳаи Сомон ба Зиёева Заъфарби Абдулҳаевна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрести 8Ш.326, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 31.01 соли 2015 ба Саидов Точиддин Мирзоалиевич додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрести 259, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Файзобод 02.05 соли 1995 ба Гиёсов Садриддин додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Теппаҳои Шарқӣ, маҳаллаи 6, қитъаи 76 ба номи Юсупов Ҷамолидин Розиқович, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи №00254, рақами қайд №0253, ки онро Маркази касбомӯзии шаҳри Душанбе 10.10 соли 2018 ба Мингбоева Шаҳноза Ҳидоятовна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси Муминов Рахимджон, РЯМ: 0730222240, РМА: 165124567, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 24.02 соли 2022 додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси хоҷагии деҳқонии "Баракат", роҳбараш Раймов Ашур, РЯМ: 0730060815, РМА: 075152391, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 25.04 соли 2012 додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №208102, ки онро муассисаи таълимии "Литсейи касбии дӯзандагии шаҳри Душанбе" (собиқ Омӯзишгоҳи техникии №33-и шаҳри Душанбе) 29.06 соли 2008 ба Каримова Сайригул Абдуқосимовна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ Каримова Зулфия Ҷабборовна, РЯМ: 0730189240, РМА: 075339505, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 09.04 соли 2019 додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ Ядгарова Ханифа Хайдаралиевна, РЯМ: 0730144764, РМА: 075349143, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 03.01 соли 2017 додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

ТАСҲЕҲ

Дар шумораи №8 (1519) 22.02.23 ба ҷойи акси Файзулло Баротзода – иҷрокунандаи раиси шаҳри Бохтар, иштибоҳан акси шарқшишинос, узви МН МО ҶТ Файзулло Баротзода нашр шудааст.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

- **National Coordinator (Job ID: 8238/NPSA-9); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 14 March 2023 (08:59 AM TJK time)**
- **Project Analyst (Trade Policy Specialist) (Job ID: 8314/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 14 March 2023 (08:59 AM TJK time)**
- **Project Analyst (Value Chains Specialist) (Job ID 8313: /NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 11 March 2023 (09:59 AM TJK time)**
- **UNDP-TJK-00055-National Consultant for conducting final evaluation of the UNDP "Accelerating Post COVID-19 Economic Recovery through Improved Livelihood, Employability, and Regional Cooperation in Ferghana Valley" project; Duty Station: Dushanbe with missions to Sughd region; Deadline for applications: 9 March 2023, 17:00.**
- **UNDP-TJK-00057- Local consultant on improving technological processes in agro-processing workshops; Duty Station: Bokhtar city with 2 travels to each target district (Shaartuz, Qubodiyon, Dusti, Jayhun, Panj, Farhor, Hamadoni, Sh. Shohin districts and Kulob) during the assignment; Deadline for applications: 16 March 2023, 17:00.**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs
Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.
UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

ДБЗХТ БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Макони омода намудани мутахассисони забондон

Дар соҳаи маориф сол ба сол навгониҳои муҳим ба вуҷуд омада, хусусан донишкадаву донишгоҳҳои кишвар ба дастовардҳои назаррас ноил мегарданд. Яке аз чунин муассисаҳои пешсаф Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аст.



ошхона ва бунгоҳи тиббӣ мебошад.

Китобхонаи электронии Донишгоҳ дорои 50 ҷойи нишаст ва муҷаҳҳаз бо компютерҳои бо хати интернет пайваст мебошад. Инчунин, китобхонаи анъанавӣ бо фарогирии беш аз 95 000 китоб ва дорои 217 ҷойи нишаст буда, ба устодону таълимгирандагон хизмат мерасонад.

Донишгоҳ дорои нашриёҳои худ - рӯзномаи "Паёми донишҷӯ", маҷаллаи илмӣ-назариявии "Паёми Донишгоҳи забонҳо" ва "Машъалафрӯз" аст.

Агар шумо мехоҳед мутахассиси забондони сатҳи ҷаҳонӣ гардед, пас интихоби шумо Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода хоҳад буд!

АЗ ЗАБОНИ ОМОР

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода баҳри омода намудани мутахассисони забондон ва рақобатпазир барои бозори меҳнати ҷаҳонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Айни замон дар донишгоҳ 11 забон дар 5 факултет: филологияи тоҷик, филологияи рус, забонҳои Осиё, забони англисӣ, забонҳои Аврупо; 21 кафедра бо фарогирии 31 ихтисос дар зинаи бакалавр, 5 ихтисос тибқи низоми таҳсилоти фосилавӣ, 5 ихтисос дар зинаи магистратура ва 5 ихтисос дар зинаи докторантура (PhD) омӯхта мешавад.

РАВОБИТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Донишгоҳ бо беш аз 50 муассисаи таҳсилоти олии касбии хориҷӣ ва ташкилотҳои хориҷӣ ба монанди Куриёи Ҷанубӣ, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Ҷопон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Озарбойҷон созишномаву қарордодҳо ба имзо расонидааст.

Ин аст, ки дар Донишгоҳ устодони соҳибзабони хориҷӣ аз Куриёи Ҷанубӣ, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷопон, Қазоқистон ва Ҳиндустон фаъолият мекунанд. Инчунин, донишҷӯён аз Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Туркманистон, Қазоқистон, Федератсияи Россия, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷумҳурии Филипин, Хитой, Қирғизистон, Ҳиндустон ва Афғонистон таҳсил менамоянд. Донишҷӯёни Донишгоҳ дар Ҷопон, Куриёи Ҷанубӣ, Ҳиндустон ва Хитой барои идомаи таҳсил дар зинаҳои бакалавр, магистратура ва докторантура PhD аз рӯйи ихтисос сафарбар карда мешаванд.

ЗАМИНАИ МОДДИЮ ТЕХНИКӢ

Заминаи моддию техникии Донишгоҳ ба талаботи ҷаҳонии бозори меҳнат ҷавобгӯй буда, он дорои 3 синфхонаи лингофонӣ, 74 синфхонаи мултимедӣ ва компютерӣ бо 615 компютер, лингвопарк (парки технологӣ), хобгоҳи дорои 636 ҷой, майдони варзишӣ, ду толори фарҳангӣ,



Рамзи Донишгоҳ дар Маркази миллии тестии назди Президенти ҶТ рақами 119 муайян гардидааст.

НАҚШАИ ҚАБУЛИ ДОНИШҶӮЁН БА ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2023-2024

№	РАМЗИ ИХТИСОСҲО	НОМГӮЙИ ИХТИСОСҲО	Шакли таҳсили рӯзона	Маблағи таҳсил		Шакли таҳсили фосилавӣ	Маблағи таҳсил	
				Шахрвандони Тоҷикистон	Шахрвандони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ)		Шахрвандони Тоҷикистон	Шахрвандони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ)
1	1-20302-0301	Забон ва адабиёти рус дар мактабҳои миллӣ. Омӯзгор	+	3200	3400	+	2500	3200
2	1-02-0302	Забон ва адабиёти рус. Омӯзгор	+	3200	3400			
3	1-020303-02	Забон ва адабиёти тоҷик. Забони англисӣ. Омӯзгор	+	3700	4000			
4	1-020301	Забон ва адабиёти тоҷик. Омӯзгор	+	3200	3400	+	2500	3200
5	1-020303-03	Забон ва адабиёти тоҷик. Фарҳанги ҷаҳонӣ ва ватанӣ. Омӯзгор	+	3500	4000			
6	1-21060101-0602	Забон ва адабиёти хориҷӣ - форсӣ-англисӣ. Тарҷумон	+	4600	6000			
7	121060101-0601	Забон ва адабиёти хориҷӣ - арабӣ-англисӣ. Тарҷумон	+	5400	7600			
8	1-020307-03	Забони англисӣ. Технология (хизматрасонӣ). Омӯзгор	+	5000	7600			
9	1-020306-04	Забони олмонӣ. Забони англисӣ. Омӯзгор	+	4000	4000			
10	1-020307	Забони олмонӣ. Минтақашиносӣ. Тарҷумони забони олмонӣ. Минтақашинос	+	3500	3400			
11	1-020306-04	Забони фаронсавӣ. Забони англисӣ. Омӯзгор	+	3500	4000			
12	1-020307	Забони фаронсавӣ. Минтақашиносӣ. Тарҷумони забони фаронсавӣ. Минтақашинос	+	3000	3400			
13	102030702	Забони хитоӣ. Информатика. Омӯзгор	+	6480	7600			
14	1-210502-08	Забони хориҷӣ (забони англисӣ). Омӯзгори забони англисӣ	+	5400	7600			
15	121060102	Забонҳои муосири хориҷӣ. Забоншинос, тарҷумон (забони куриёӣ)	+	3200	3400			
16	121060102	Забонҳои муосири хориҷӣ: забоншинос, тарҷумон (забони хитойӣ)	+	6480	7600			
17	1-230103-	Забону кишваршиносӣ. Тарҷумон-референти забонҳои ҳиндӣ-англисӣ	+	4800	5000			
18	1-210601-02	Забонҳои муосири хориҷӣ (тарҷума). Забоншинос, тарҷумон (забони англисӣ)	+	5400	7600			
19	121060102	Забонҳои муосири хориҷӣ: забоншинос, тарҷумон (забони ҷопонӣ)	+	3200	3400			
20	1-21050103	Забоншиносӣ ва технологияи нави иттилоотӣ. Мутахассиси забоншинос	+	3240	3800			
21	121050108	Забонҳои муосири хориҷӣ (тарҷума). Забоншинос, тарҷумон (забони русӣ)	+	3200	3400			
22	1-210601-02-02	Тарҷумаи бадеӣ. Забоншинос, тарҷумон (забони англисӣ)	+	3240	3500			
23	1-010202-05	Таҳсилоти ибтидоӣ. Забони англисӣ. Омӯзгор	+	3200	3500			
24	1-010202-05	Таҳсилоти ибтидоӣ. Забони русӣ. Омӯзгор	+	3000	3400	+	2500	3200
25	1-010102-03	Таҳсилоти томактабӣ. Забони англисӣ. Педагог. Омӯзгор	+	3200	3500			
26	1-010102-03	Таҳсилоти томактабӣ. Забони русӣ: Педагог. Омӯзгор	+	2800	3400	+	2500	3200
27	1-210601-0110-	Таълими компютерии забонҳо. Мутахассиси таълимии компютерии забонҳо	+	3400	4000			
28	123010204	Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (муносибатҳои сиёсии берунӣ)	+	3500	4000			
29	1-230102-02	Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (сайёҳии байналмилалӣ)	+	3500	4000			
30	1-23010201	Таъминоти забонии фаъолияти ҳуқуқ англисӣ-русӣ	+	3240	4000			
31	1260204	Ҳуҷҷатшиносӣ ва таъмини иттилоотии идора. Мутахассиси ҳуҷҷатшинос	+	3200	3400	+	2500	3200

СУРОҒАИ МО: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6

Тел.: (992 37) 232 50 00; 232 50 03;
Факс: 232503

E-MAIL: IRECTORAT@DDZT.TJ
СОМОНА: WWW.DDZT.TJ

Таҳдид

Шавҳар ба занаш гуфт:

- 100 ҳазор сӯм деҳ...

- Не, диҳам, боз менӯшӣ!,- гуфт зан ва пул надод.

Шаб зан аз кор омада дид, ки ғозҳо нестанд.

- Эй, мардак, ғозҳо канӣ?

- Ғозҳо ба Ҷануб парида рафтанд. Агар ин дафъа ҳам пул надиҳӣ, гӯсфандҳо ҳам ба куҳ баромада мераванд.

Суроға

Зан аз шавҳараш мепурсад:

- Ту дар кучо будӣ?

- Дар хонаи ҳамкурсонам,- посух медиҳад мард.

- Се рӯз?,- мепурсад зан.

- Ҳа, мо ба хотир овардем,- мегӯяд мард.

- Чиро ба хотир овардед?,- ҳайрон мешавад зан.

- Суроғаи хонаамонро!,- мегӯяд мард.

Дандон

Зане ба назди дандонпизишк меравад:

- Духтурҷон, ман аз дандонканӣ чунон метарсам, ки... тайёрам таваллуд кунаму дандон наканам.

Духтур мегӯяд:

- Зудтар ба як қарор оед, таваллуд мекунед ё дандонатонро канам?



Арзи сипос

Дандонпизишк дандонро канда, ба бемор нишон медиҳад:

- Ана, бародар, дандони шумо!

Бемор:

- Ана, духтур, дастаи курсии шумо!

Қартабозӣ

Яке аз мизоҷони доимии тарабхона ҳамеша ба пешхизмат чойпулии бисёр медод. Як бегоҳ боз ба ҳамин тарабхона меояд, вале ба наздаш пешхизмати доимиаш неву пешхизмати дигар меояд.

Мизоҷ:


- Пешхизмати ман канӣ?

Пешхизмат:

- Ӯ шуморо ба ман дар қартабозӣ бой дод.

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА

Сканворд





Рӯзро кӯтоҳ мекунад ё умрро?

Дар ошёнаи 8-и бинои “Шарқи озод” ҳар вақт ки ба балкон мебаромадам, устод Абдувоҳидро бо сигор медидам. Рӯзе тасмим гирифтам ба эшон оид ба зарари сигоркашӣ амри маъруф карда, ба тарки ин одат водор намоям. Ин аст, ки навиштаҳои болои сигорро нишон дода, гуфтам:

- Устод, тамоку хеле зиён дорад ва сигоркашӣ умри одамро кӯтоҳ мекардааст. Биёд аз баҳри ин одат гузаред.

Абдувоҳид дуди сигорро дурудароз пуф карда, гуфтанд:

- Умрро ку намедонам, вале рӯзи кориро воқеан кӯтоҳ мекунад.

Тобутбардор

(Аз нақли Садриддин, собиқадори ВКД)

Дуздеро бояд боздошт мекардем, ки дар вилояти Самарқанд зиндагӣ дошт. Баъди дақиқ кардани суроға, ҳамроҳи Рачабалӣ Ҷӯраев ва ду милисаи дигар бо либоси мулкӣ аз Панҷакент ба Самарқанд ба деҳае бо номи Селский рафтем. Вақте хонаашро пайдо кардем, маълум шуд, ки дузд фавтидаву мо ба ҷанозааш ҳозир шудаем. Чун илоҷе набуд, то охир сабр кардем, ҷанозаро хонда, хостем тобутро ҳам каме бардошта, баъд баргардем.

Вақте тобутро аз ҷанозахона баровардан шуданд, мо чор нафар нахустин шуда бардоштем. Мерафтему мерафтем, касе аз дастамон намегирифт. Хаста шудем, вале илоҷе набуд. Ночор бо хеле хастагӣ тобутро то қабристон расонидем.

Аз нафаре пурсидам:

- Чаро касе то инҷо тобутро аз дасти мо нагирифт?

Гуфт:

- Ин деҳа тобутбар дорад. Ҳама шуморо тобутбар гумон карда, кумакатон накарданд. Ҳатто тобутбарҳои деҳа.

Холиқназар ҶУМЪАЗОДАар ҶУМЪАЗОДА